Пардохти андоз - баҳои тамаддуниятнокии ҷомеа

# Боҷу Хироҷ

№9 (1158)
Панҷшанбе, 28 феврали соли 2019

**www.** bojukhiroj.tj
**E-mail:** boju_hiroj@mail.ru

**Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.**

**НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

ПРЕЗИДЕНТ



Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар чорабинии тантанавӣ ба ифтихори 26-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон

с.2-3

КОРҲОИ НАЗОРАТӢ

**Масъулиятшинос мебояд буд**



Тартиби андозбандии фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯи патент с. 5

ХИЗМАТРАСОНӢ

**Вусъати фаъолияти соҳибкорӣ**



Имкониятҳо баҳри рушди соҳибкорӣ дар кишвар

с. 6

**Налоговая система Республики Таджикистан – наглядно** с. 11

# Ҳадаф - баланд бардоштани маърифати андозӣ




## Рамз ва ангораи ҷашни байналмилалии Наврӯз




Дар мувофиқа бо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рамзи ҷашни байналмилалии Наврӯз ва Соли нави миллӣ, инчунин ангораи «Наврӯз-2019» тасдиқ гардиданд. Рамзи Наврӯз аз тарафи Иттифоқи рассомони Тоҷикистон дар асоси хулосаҳои донишмандони Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудааст. Рамзи мазкур арчамонанд буда, аз ҳафт табақ иборат




мебошад. Ҳамаи табақҳо аз давраҳо иборат буда, мазмуни гардиши фалак ва коинотро ифода менамоянд.

Ангораи Наврӯз намуди доирашакл дошта, дар мобайни он кураи замин, аз ду тарафи он Парчами миллӣ ва пайки баҳор - суманак, парасту, нақшу нигори гулдӯзӣ ҳамчун рамзи ҳунарҳои мардумӣ ва рангинкамон бо навиштаҷоти «Наврӯз – 2019» бо забони тоҷикӣ инъикос ёфтааст.

Дар баробари он, бо мувофиқа бо Роҳбари давлат намудҳои халтачаҳои наврӯзӣ низ тасдиқ гардиданд.

Халтачаҳои наврӯзӣ, ки барои тӯҳфаҳо пешбинӣ шудаанд, бо шаклу дизайни гуногун таҳия шуда, дар онҳо рамзу ангораи Наврӯзи соли 2019 тасвир ёфтаанд.

**АМИТ «Ховар»**



# Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар чорабинии тантанавӣ ба ифтихори 26-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон



**Рафиқон генералҳо, афсарон ва сарбозони шуҷои Ватан!**

**Муҳтарам собиқадорони Қувваҳои Мусаллаҳ!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Имрӯз мардуми шарифи кишвар санаи таърихии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистони соҳибистиқлолро, ки яке аз рукнҳои асосии давлатдории миллии мо мебошанд, бо рӯҳияи баланди ватандӯстӣ ва шукргузорӣ аз фазои орому осудаи Ватани озоду соҳибихтиёрамон таҷлил мекунанд.

Ба ин муносибат мардуми сарбаланди мамлакат, тамоми хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳар яки шумо-ҳозирини арҷмандро самимона табрик мегӯям.

Мехоҳам бо ифтихор изҳор намоям, ки Қувваҳои Мусаллаҳ кафили амнияту якпорчагии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон буда, хизматчиёни ҳарбии ҷузъу томҳои низомӣ дар ҳифзи марзу буми Ватан, таъмини амнияти давлат ва зиндагии осудаи сокинони кишвар саҳми бузург доранд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ба дӯши хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ вазифаҳое гузошта шудаанд, ки тақдири миллат ва давлат, истиқлолияту соҳибихтиёрии Ватан, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсии мамлакат аз ҳалли онҳо вобаста мебошад.

Дар ин лаҳзаҳои идона бори дигар изҳор медорам, ки афсарону сарбозони далеру шуҷои мо аз уҳдаи иҷрои ин рисолати басо пурмасъулият бо сарбаландӣ баромада истодаанд.

Ҳифзи марзу буми кишвар аз таҳдиду хатарҳои замони муосир, таъмин намудани амнияти давлату миллат ва суботу оромии ҷомеа бидуни Қувваҳои Мусаллаҳи тавоно ғайриимкон мебошад. Роҳбарияти давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ин масъаларо аз рӯзҳои аввали истиқлолият дарк мекард.

Вале маҳз дар ҳамон айём, яъне дар оғози даврони соҳибистиқлолӣ Тоҷикистони азизи мо бар асари фитнаву дасисаҳои душманони миллати тоҷик ба гирдоби мухолифатҳои шадиди сиёсӣ ва баъдан ба оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд, ки дар натиҷа, баррасии чунин масъалаи муҳимтарини давлатдорӣ, яъне таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ ба таъхир афтод.

Танҳо баъди Иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шӯрои Олӣ масъалаи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ ба миён гузошта шуд ва мо ин ниҳоди муҳимми давлатиро дар як муддати кутоҳ амалан дар ҷойи холӣ таъсис додем.

Вақте ки қарор дар хусуси таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ қабул гардид, мо на вазорати мудофиа доштем, на иншооти инфрасохторӣ, на заминаи зарурии моддиву техникӣ ва на мутахассисону кадрҳои касбӣ.

Ин дар ҳоле буд, ки дар мамлакат ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ аланга мезад ва хавфи аз байн рафтани давлат ва пароканда шудани миллат ба воқеияти талху даҳшатноки рӯз табдил ёфта буд.

Табиист, ки танҳо бо қабули қарор тамоми масоили вобаста ба таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ яку якбора ҳал намешуданд. Зеро дар он рӯзҳо дар назди Ҳукумат вазифаҳои зиёде қарор доштанд, ки дар шароити бисёр мушкили молиявӣ, яъне холӣ будани хазинаи давлат иҷрои онҳо хеле вазнин буд.

Бо вуҷуди ҳама мушкилоти иқтисодиву молиявӣ Ҳукумати мамлакат ба бунёди инфрасохтор ва таъсиси ҷузъу томҳои махсусгардонидашуда, воҳидҳои алоҳида, тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси ҳарбӣ ва таъмин кардани ҷузъу томҳо бо техникаву таҷҳизоти муосир шурӯъ намуд.

Қувваҳои Мусаллаҳ дар тӯли 26 сол аз бисёр имтиҳону озмоишҳои сахту сангин бо сари баланд гузашта, тавре ки мебинем, имрӯз ба як сохтори муташаккилу боэътимод ва неруи қодир ба ҳимояи давлат ва халқи Тоҷикистон табдил ёфтаанд.

Сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ дар солҳои аввали истиқлолият — дар шароите, ки сару либос ва силоҳу лавозимоти дуруст надоштанд, дар барқарор намудани сохти конститутсионӣ ҷонбозиҳои зиёде карданд ва ҳазорон нафари онҳо дар ин роҳ қурбон шуданд, ки хотираи неки мубориზони роҳи озодиро халқи сипосгузори тоҷик ҳеҷ вақт фаромӯш намекунад.

Бо мустаҳкам гардидани пояҳои давлатдорӣ таъминоти Қувваҳои Мусаллаҳ бо техникаву таҷҳизот ва силоҳу лавозимоти ҷангӣ тадриҷан беҳтар гардид ва маҳорату малакаи ҷангии ҷузъу томҳои низомӣ низ тақвият пайдо кард.

Қобили зикр аст, ки ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ дар мубориза бар зидди гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ дар гӯшаву канори гуногуни кишвар, фурӯ нишонидани ошӯбҳои исёнгаронаи хоинону душманони миллати тоҷик ва даҳҳо амалиёти махсус садоқати худро ба Ватан борҳо собит кардааст.

Ҳукумати мамлакат барои тарбияи кадрҳо ва таъминоти Қувваҳои Мусаллаҳ то имрӯз тамоми чораҳои заруриро амалӣ карда, ин равандро минбаъд низ идома медиҳад.

Дар замони истиқлолият зиёда аз 5000 ҳазор нафар ҷавонони мо муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбии мамлакат ва давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ва беш аз 600 нафар академияҳои ҳарбиро хатм кардаанд.

Ҳоло зиёда аз 90 фоизи афсароне, ки дар Қувваҳои Мусаллаҳ хизмат мекунанд, хатмкардагони донишкадаву академияҳои ҳарбӣ, яъне мутахассисони соҳаи низомӣ мебошанд.

Имрӯз дар Литсейи ҳарбӣ ва Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа 1400 нафар таҳсил доранд ва муассисаҳои зикршудаи таълимиро ҳар сол 350 нафар хатм менамоянд.

Илова бар ин, дар доираи созишномаҳои бисёрҷониба ҳар сол беш аз 200 нафар хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар ба муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбии давлатҳои пешрафта фиристода мешаванд ва ҳамасола зиёда аз 150 нафар афсарон курсҳои такмили ихтисосро дар марказҳои таълимии кишварҳои хориҷӣ хатм мекунанд.

Тайи бисту шаш сол ҳазорҳо нафар афсарони ҷавон аз ҳисоби хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти ҳарбии дохил ва хориҷи кишвар дар ҷузъу томҳои гуногуни Қувваҳои Мусаллаҳ ба вазифаҳои масъули роҳбарӣ таъин карда шуданд.

Дар робита ба ин, таъкид месозам, ки минбаъд низ ба масъалаи тарбияи кадрҳои баландихтисос барои сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин, интихобу ҷобаҷогузории дурусти онҳо диққати аввалиндараҷа дода шавад.

Ҳамзамон бо ин, зарур аст, ки ба масъалаи сифати корҳои тарбиявию сиёсӣ дар байни ҳайати шахсӣ, хусусан, дар самти кор бо наваскарон эътибори ҷиддӣ дода шавад.

Дар ин раванд, дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ, садоқат ба Ватан ва савганди ҳарбӣ, ҳушёриву зиракии сиёсӣ ва дӯстиву рафоқат тарбия кардани афсарони ҷавон ва сарбозон аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин мебошад.

Ҳукумати Тоҷикистон, бо вуҷуди мушкилоти муайяни иқтисодӣ, доир ба таҳкими иқтидори мудофиавии кишвар ва баланд бардоштани ҳифзи иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ ҳамаи тадбирҳои заруриро андешида истодааст.

Масъалаи беҳтар кардани шароити хизмат, зиндагӣ ва ҳифзи иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ таҳти таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати мамлакат қарор дошта, дар доираи ислоҳоти музди меҳнат маоши вазифавии хизматчиёни ҳарбӣ мунтазам зиёд шуда истодааст.

Дар зарфи солҳои охир ҳазорҳо оилаи хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ бо манзили истиқоматӣ таъмин шудаанд ва мо ин корро минбаъд низ идома медиҳем.

Сохтмони шаҳраки низомиён бо тамоми шароити зарурии инфрасохторӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ ба нақша гирифта шуда, ҳоло корҳои сохтмони бинои истиқоматии 12-ошёна иборат аз 138 ҳуҷра дар марҳалаи анҷомёбӣ қарор доранд.

Илова бар ин, аз ҳисоби буҷети давлат дар шаҳрҳои Бӯстон ва Ваҳдат низ биноҳои истиқоматии замонавӣ бунёд шуда истодаанд.

Танҳо соли сипаришуда ба муносибати ҷашни 25-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ дар қисму воҳидҳои ҳарбӣ даҳҳо иншооти инфрасохторӣ, машқгоҳҳои ҳозиразамон, аз ҷумла Маркази идоракунии ҷангии Қувваҳои Мусаллаҳ, бинои наву замонавии факултаи ҳавопаймоии Донишкадаи ҳарбӣ ва Маркази таълимӣ дар машқгоҳи саҳроии Фахробод сохта, ба истифода дода шуданд.

Дар се соли оянда дар доираи омодагӣ ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ бунёди зиёда аз 300 биною иншоот ва инфрасохтори таъиноти гуногун ба нақша гирифта шудааст.

Дар натиҷаи дастгириву ғамхориҳои Ҳукумати мамлакат ҳоло шароити хизмат ва зисту зиндагии ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ бамаротиб беҳтар гардида, имрӯз ба иҷрои босамари вазифаҳои хизматӣ, риояи интизоми ҳарбӣ ва паст шудани сатҳи ҷинояткорӣ таъсири мусбат расонида истодааст.

Вазъи бисёр мураккабу печидаи ҷаҳони муосир тақозо менамояд, ки Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат ҳамеша ҳушёру зирак ва дар ҳолати омодабошӣ қарор дошта бошанд.

Бо дарназардошти ин, мо солҳои охир Барномаи азнавсозии Қувваҳои Мусаллаҳи кишварро марҳала ба марҳала амалӣ карда истодаем, ки ҳадафи асосии он таъмин намудани ҷузъу томҳои ҳарбӣ бо аслиҳаву муҳиммоти ҷангӣ, воситаҳои техникиву таҷҳизоти муосири ҳарбӣ, боз ҳам беҳтар гардонидани шароити хизмат ва ба талаботи замона мутобиқ гардонидани он мебошад.

Вобаста ба ин, бори дигар таъкид месозам, ки дар баробари таъминот бо техникаву лавозимоти муосир иқтидори мудофиавии кишвар аз фаъолияти кадрҳои соҳибихтисоси дорои маҳорати баланди касбӣ вобастагии калон дорад.

Зарур аст, ки ҳолати омодабошии ҷузъу томҳо, хусусан, воҳидҳои дар минтақаҳои сарҳадӣ ҷойгиршударо таҳти назорати доимӣ нигоҳ дошта, ҳамкории сохторҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин, тартиби идоракунии онҳо дар ҳолатҳои зарурӣ мунтазам такмил дода шаванд.

Амалигардонии тадбирҳои зикршуда имконият медиҳад, ки идоракунии қӯшунҳо ва қисму воҳидҳои ҳарбӣ дар самтҳои амалиётиву стратегӣ дар ҳар ҳолат, сарфи назар аз вазъият, мустақиман дар минтақаҳо ташкил карда шавад.

Вазъи ҳарбиву сиёсии минтақа ва ҷаҳон, омӯзиши таҳдидҳои воқеии имрӯза ва хатарҳои эҳтимолӣ, ҳамчунин, пешбурди сиёсати мудофиавию байналмилалии Тоҷикистон тақозо мекунад, ки дар заминаи таҷрибаи андӯхташуда ва захираву имкониятҳои мавҷуда ҷиҳати таъмин намудани рушди минбаъдаи Қувваҳои Мусаллаҳ тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

Дар робита ба ин, хотирнишон месозам, ки омодабошии баланди ҷангии ҷузъу томҳо бо масъалаи захираҳои сафарбарӣ ва банақшагирии истифодаи дурусти онҳо дар вазъияти фавқулода вобастагии зич дорад.

Дар ин самт бояд чорабиниҳои зарурии вобаста ба санҷиши омодагии сафарбарии аҳолӣ ва омӯзиши маҳорату дараҷаи касбии шаҳрвандони дар эҳтиёт қарордошта амалӣ карда шаванд.

Ҳамчунин, ба сохтору мақомоти дахлдор зарур аст, ки дар доираи таҳияи Нақшаи мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи тадбирҳоро доир ба вазифаҳои мудофиаи аҳолӣ, ҳифзи иқтисодиёт, Қувваҳои Мусаллаҳ ва дигар сохторҳои ҳарбӣ, тартиби иҷрои онҳо ва истифодаи самараноки захираҳои

моддиву техникии ҷудошаванда муайян намоянд.

Бо мақсади таъмини амнияти устувор, пешгирӣ кардани хатарҳои торафт афзояндаи терроризму экстремизм ва дигар таҳдидҳои муосир, вазъияти ҳарбиву сиёсии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ки метавонад ба амнияти кишвари мо низ бевосита таъсир расонад, бояд ҳамкории судманд бо сохторҳои марбутаи минтақавӣ боз ҳам беҳтар ба роҳ монда шавад.

Дар робита ба ин масъала, бори дигар изҳор менамоям, ки Тоҷикистон саъю талоши Ҳукумати Афғонистони дӯсту ҳамсояи худ ва ҷомеаи ҷаҳонро ҷиҳати роҳандозӣ кардани раванди сулҳ, ба эътидол овардани вазъи сиёсиву низомӣ ва таъмин намудани рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ҳамеша дастгирӣ менамояд.

Илова бар ин, хотирнишон месозам, ки мо ҷонибдори собитқадами сулҳу оромӣ дар сайёра ва ҳалли ҳама гуна мухолифату низоъҳо бо роҳи осоишта ҳастем.

Чунонки мушоҳида мекунем, вазъи ҷаҳони муосир бар асари кӯшишҳои азнавтақсимкунии дунё ва дар ин замина шиддат гирифтани бархӯрдҳои геосиёсиву геоиқтисодӣ ва мусаллаҳшавии бошитоб рӯз аз рӯз печидаву пешгӯинашаванда гардида истодааст.

Тавре дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ изҳор доштам, имрӯз баъзе сиёсатмадорону коршиносон ҳатто доир ба хатари ҷанги сеюми ҷаҳон ҳарф мезананд.

Бо вуҷуди чораҳои аз ҷониби давлатҳо дар самти мубориза бо терроризму экстремизм андешидашаванда фаъол гардидани гурӯҳҳои ҷиноятkор ва созмонҳои террористӣ гувоҳи равшани вазъи мураккаби сайёра мебошад.

Тайи солҳои охир зиёда аз 100 давлати дунё ҳадафи ҳамлаҳои террористӣ ва амалҳои экстремистӣ қарор гирифта, шумораи ҳалокшудагон бар асари чунин аъмоли харобиовар ба садҳо ҳазор нафар ва зарари моддии он ба садҳо миллиард доллар расидааст.

Равандҳои муосири ҳарбиву сиёсии минтақа ва ҷаҳон собит месозанд, ки сӯистифода аз терроризм ва идеологияи хушунатомези ифротгароӣ, кӯшишҳои сиёсисозии дини ислом ҳамчун бузургтарин хатар ба таъмини амният, сохти конститутсионӣ, дунявият, сулҳу субот ва рушди иқтисодиву иҷтимоии давлатҳо арзёбӣ мегарданд.

Ба ҳайати гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ шомил гардидани баъзе шаҳрвандони мо ва ба задухӯрдҳои хунин дар минтақаҳои даргир ҷалб гардидани онҳо боиси нигаронии ҷиддӣ мебошад. Аслан, тавре ки ман борҳо таъкид кардаам, кӯшиши сиёсӣ кардани ислом кори бисёр хатарнок мебошад.

Мо даҳшати чунин амалро солҳои 90-уми асри гузашта дар кишвари худамон, ки нав ба истиқлолият расида буд, дидем ва онро ҳаргиз фаромӯш намекунем.

Лекин дар миқёси сайёра, мутаассифона, доираҳои муайян тайи даҳсолаҳои охир тавассути сиёсӣ сохтани дини сулҳҷӯи ислом лоиҳаву нақшаҳои ғаразноки худро амалӣ гардонида, чандин кишварҳои дунё, аз ҷумла мамлакатҳои дар гузашта оромро ба вартаи ҷангу хунрезиҳои даҳшатнок ва ҳатто нобудии низоми давлатдорӣ расонида истодаанд.

Дар ин раванд, мафҳумҳои «радикализми исломӣ» ва «экстремизму терроризми динӣ»-ро танҳо ба номи дини мубини мардуми мусулмон мансуб медонанд.

Ва ин дар ҳолест, ки ислом табиатан ва моҳиятан ҷаҳонбинии сулҳу салоҳ мебошад ва бо хушунату зӯроварӣ, ҷангу хунрезӣ ва терроризму экстремизм умумияте надорад.

Мо ин масъалаҳои муҳимро дар ҷараёни пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ ва чорабиниҳои пешгирикунанда бояд ҳамеша дар назар дошта бошем.

Ба мардум, хусусан, ба наврасону ҷавонон бояд дақиқ фаҳмонем, ки бозичаи дасти дигарон ва иҷрокунанди иродаи доираҳои ғаразнок нашаванд.

Воқеият ва вазъи ҷаҳони муосир хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи моро водор мекунад, ки аз пештара дида, зираку ҳушёр бошанд, омодагии ҷангиро ҳамеша дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доранд ва қодир бошанд, ки мувофиқи вазъият амал карда тавонанд.

Бори дигар хотирнишон месозам, ки асоси муваффақиятро дар Қувваҳои Мусаллаҳ тарбияи ҳарбиву ватандӯстӣ ташкил медиҳад. Тоҷикон ҳамчун яке аз миллатҳои қадимтарини дунё таърихан мардуми сулҳхоҳу таҳаммулгаро, фарҳангиву тамаддунсоз ва ватандӯсту ватанпараст мебошанд.

Бо вуҷуди он, ки кӯшишҳои аз байн бурдани давлату миллати мо дар тӯли таърих борҳо такрор ёфтаанд, вале маҳз ҳамин хислати бузург, яъне ватандӯстӣ мардуми моро аз нестшавӣ нигоҳ доштааст.

Имрӯз ватандӯстӣ бояд сифати ҷудоинопазир ва эҳсоси қалбии ҳар як хизматчии ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳар шаҳрванди бонангу номуси Тоҷикистон бошад. Яъне мо Ватани маҳбубамонро на бо сухан, балки бо қалби худ дӯст дорем.

Бо дарназардошти, он ки сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар, асосан, аз ҷавонон иборат аст, тарбияи ватандӯстӣ ва тақвияти ҳисси миллии сарбозон яке аз вазифаҳои муҳимтарини ҳайати афсарӣ ба ҳисоб меравад.

Бо ин мақсад, ҳамаҷониба омӯхтани таърихи халқи тоҷик, ифтихор аз он ва гузаштагони шарафманди хеш – қаҳрамонони миллии халқамон ва дигар фарзандони сарсупурдаи миллат бисёр муҳим мебошад.

Ҷаҳони имрӯза, ки пур аз зуҳуроти номатлуб, терроризму экстремизм, таассуби динӣ, бунёдгароӣ, бегонапарастӣ ва дигар омилҳои манфӣ мебошад, аз ҳар як хизматчии ҳарбӣ ҳушёриву зиракӣ, ҷаҳонбинии васеъ, сатҳи баланди донишҳои сиёсиву ҳуқуқӣ, дараҷаи кофии омодагии рӯҳиву ҷисмонӣ, садоқат ба Ватан, ҳифзи манфиатҳои давлату миллат ва маҳорату малакаи муосири касбиро талаб менамояд.

Роҳбарони сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакатро зарур аст, ки дар раванди тарбияи кадрҳо ва баланд бардоштани сатҳи касбияти онҳо риояи бечунучарои муқаррароти қонунгузорӣ, ойинномаҳои ҳарбӣ ва умуман, интизоми қатъии ҳарбӣ, инчунин, пешгирӣ кардани ҳуқуқвайронкуниро дар байни ҳайати шахсӣ таъмин намоянд.

Ҳар як афсар бо одобу ахлоқ, қобилияти ташкилотчигию маданияти баланди муносибату муошират бояд барои сарбозон намунаи ибрат бошад.

Роҳбарони ҷузъу томҳо бояд ба сарбозон мисли фарзандони худ муносибат намоянд. Шумо — афсарон дар тарбияи ватандӯстӣ бояд намунаи ибрати дигарон, бахусус, сарбозон бошед ва кӯшиш кунед, ки хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ мояи ифтихори ҳар як шаҳрванд гардад.

Тарбияи ҳарбиву ватандӯстӣ вазифаи танҳо афсарон нест. Дар ин кори муҳим бояд насли калонсол, падару модарон, мақомоти ҳамаи зинаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ низ саҳмгузор бошанд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Тавре ки дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ иброз доштам, мо ба Қувваҳои Мусаллаҳи кишварамон эътимоди комил дорем ва медонем, ки онҳо минбаъд низ истиқлолияту озодии Тоҷикистони маҳбубамон, амнияти давлат ва суботу оромии мардуми моро ҳамчун сипари боэътимод ҳимоя мекунанд.

Бори дигар бо итминон изҳор менамоям, ки ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи мо ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатиро бо интизоми қавӣ, омодабошии доимии ҷангӣ, рӯҳияи баланди ватандӯстӣ ва садоқат ба касби бошарафу муқаддаси худ истиқбол мегиранд.

Мардуми шарифи Тоҷикистон ҳимояи марзу буми кишвар, дастовардҳои истиқлолият, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро бовар карда, ба шумо — фарзандони далеру шуҷои худ супоридаанд ва дилпуранд, ки шумо аз уҳдаи иҷрои ин рисолат бо сарбаландӣ мебароед.

Ман ҳамчун Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ ба ҳар яки шумо – фарзандони ғаюру далери Ватан, ба нангу номуси шумо, ба эҳсоси гарми ватандӯстиву ватанпарастии шумо ва азму иродаи ҷавонмардонаи шумо итминони комил дорам.

Бори дигар мардуми шарифи кишвар, тамоми хизматчиёни ҳарбии ҷузъу томҳои низомӣ ва ҳайати шахсии мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ба ифтихори таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон табрик мегӯям ва ба ҳамаи шумо – ҳомиёни ҷасури Ватан саломатӣ, хушбахтӣ ва дар роҳи ҳифзи Тоҷикистони маҳбубамон, амнияти давлату миллат, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ матонату шуҷоат ва барори кор орзу менамоям.

**Ҷашн муборак бошад, ҳомиёни далеру шуҷоъи Ватан!**

# Иштироки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷаласаи XIX Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ

**20 феврал таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи XIX Шӯро баргузор гардид.**

Зимни баррасии масъалаҳои ҷаласа, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба амалисозии тадбирҳо дар самти васеъ истифода бурдани иқтидорҳои энергетикӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти ҷумҳурӣ бо шарикони тиҷоратии ҷумҳурӣ ва кишварҳои минтақа, беҳтаршавии мавқеи кишвар дар арзёбии ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”, таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ оид ба тартиби арзёбии самаранокии имтиёзҳои мавҷуда, тақвият бахшидан ба раванди ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадами иттилоотӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва муосиргардонии хизматрасонӣ ва танзими давлатии соҳибкорӣ ва дигар масъалаҳо ибрози назар намуданд.

Оид ба масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа, рафти иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ гузориши Котиби масъули Шӯро, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Фаррух Ҳамрализода шунида шуд.

Дар робита бо ин, дар бораи ба роҳ мондани сабти электронии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва рақамикунонии бойгониҳо, таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумат оид беҳтар намудани мавқеи кишвар дар арзёбии “Пешбурди соҳибкорӣ”дар таҳрири нав, роҳандозии тартиби мустақими бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, пардохти боҷи давлатӣ барои бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ ва андозҳо дар низоми “онлайн” бо истифода аз корти миллӣ, ВИЗА ва МАСТЕРКАРД, фаъол гардидани Системаи электронии Феҳристи ягонаи давлатии уҳдадориҳои гаравӣ барои бақайдгирии гаравҳои молу мулки манқул ва қабули бастаи қонунҳо дар доираи ислоҳоти низоми созишҳои таъминшуда, ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андоз ва Кодекси гумрук бо пешниҳоди дар маҷмӯъ, 30 имтиёзу сабукӣ барои беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ иттилоъ дода шуд.

Тибқи банди дуюми рӯзнома муаррифии Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода оид ба натиҷаҳои таҳлили масъалаҳои низоми андозбандию гумрукӣ ва самаранокии имтиёзҳои пешниҳодшаванда пешниҳод гардид.

Вобаста ба масъалаи сеюми рӯзномаи ҷаласа Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуриддин Саид роҷеъ ба натиҷаҳои таҳлил оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши маориф ва илм гузориш дод.

Оид ба масъалаи ниҳоии рӯзномаи ҷаласа, Котиби масъули Шӯро, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Фаррух Ҳамрализода баромад карда, масъалаҳои таҳлили рушди кластерӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва бахши технологияҳои иттилоотию телекоммуникатсиониро барои баррасӣ ба ҷаласаҳои оянда пешниҳод намуд, ки аз ҷониби аъзои Шӯро ҷонибдорӣ гардид.

Дар баррасӣ ва муҳокимаи масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа, инчунин Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустам Шоҳмурод, Роҳбари Намояндагии Барномаи рушди СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Пратибҳа Меҳта, Роҳбари Намояндагии Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон, Раиси Шӯрои ҳамоҳангсозии рушд Ян Питер Олтерс, Намояндаи Хазинаи кӯдакони СММ дар Тоҷикистон Лючиано Колестини, аъзои Шӯрои машваратӣ аз бахши хусусӣ, Директори иҷроияи Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон Нигина Икромова, аъзои Шӯрои машваратӣ аз бахши хусусӣ, Директори ҶДММ “Беҳамто” Исломиддин Ҳакимов, Директори Муассисаи таълимии хусусии “Литсейи Раҳнамо” Ҳакимниё Илҳомиддин ва дигарон баромад карда, андешаҳои худро вобаста ба масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа иброз намуданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаро ҷамъбаст намуда, вобаста ба нуктаҳои дар он зикргардида ба вазорату идораҳо, масъулони дахлдор дастуру супоришҳо ва ба шарикони рушд тавсияҳои мувофиқ доданд.

АМИТ «Ховар»



# Таъмини рақами мушаххаси андозсупоранда

Бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳри Конибодоми вилояти Суғд дар заминаи амалӣ намудани иқдоми роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рақами мушаххаси андозсупорандаро ба сокинони дурдаст бевосита дар ҷои истиқоматашон дастрас менамояд. Дар шаҳри Конибодом шаш ҷамоат мавҷуд буда, ҷамоатҳои деҳоти ба номи Лоҳутӣ, Шарифов, Патар аз ҷумлаи мавзеъҳои дурдасти шаҳр мебошанд. Ҳафтаи сипаришуда боз даҳҳо нафар муҳассилони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 25 ба номи Абдуқодир Манниёзов, ҷамоати деҳоти ба номи Пӯлодон соҳиби рақами мушаххаси андозсупоранда гардиданд. Рақами мушаххаси андозсупорандаро ба толибилмони ин дабистон кормандони мақомоти андоз ва маъмурияти таълимгоҳ дар вазъияти тантанавӣ супориданд.

Муовини директори ин муассисаи таълимӣ Насим Орипов дар суҳбат бо мо зикр дошт, ки ин иқдоми роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили таҳсин аст. Зеро хонандагони мактаб, ки ба синни 16 расидаанд, барои гирифтани Рақами мушаххаси андозсупоранда бояд худ ё бо волидайнашон ба бинои мақомоти андоз, ба маркази шаҳр ҳозир мешуданд. Имрӯз кормандони мақомоти андоз ба онҳо дар худи муассисаи таълимӣ, ки ин ҷо таҳсил доранд, рақами мушаххаси андозсупорандаро дастрас намуданд.

Чи тавре ки мудири Бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳри Конибодом Олимҷон Алиев гуфт, соли равон низ ин иқдом идома дода хоҳад шуд. Соли гузашта Бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳри Конибодом, дар маҷмӯъ, 9 ҳазору 933 нафар шаҳрвандро бо рақами мушаххаси андозсупоранда таъмин намудааст.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Пошлина на экспорт российской нефти вырастет с 1 марта на 13%



**По информации Минфина, экспортная пошлина на российскую нефть с 1 марта 2019 г. вырастет на 13% и составит $91,2 за тонну против $80,7, действующих в феврале, пишет Росбалт.**

Также, в частности, пошлина на светлые нефтепродукты и масла будет увеличена с $24,2 до $27,3 за тонну, на темные — с $80,7 до $91,2. При этом вывозная таможенная пошлина на товарный бензин поднимется с $24,2 до $27,3 за тонну.

Кроме того, с 2019 г. в РФ стартовал завершающий этап так называемого налогового маневра в нефтянке. Будет постепенно снижаться (вплоть до нуля) экспортная пошлина на нефть и увеличиваться ставка НДПИ.

**http://taxpravo.ru/international**

# Корҳои назоратӣ - асоси муваффақиятҳо

**Дар ҷаласаи Мушовараи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи натиҷаи фаъолияти мақомоти андоз дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019" оид ба масъалаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродӣ қайд гардид, ки тибқи маълумот ба 1 январи соли 2019 дар миқёси ҷумҳурӣ (бе дарназардошти хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ) зиёда аз 33500 нафар соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда ба қайди давлатӣ гирифта шуда, аз ин ҳисоб ба буҷет 340,7 млн. сомонӣ андозҳо ворид гардидааст, ки нисбат ба соли 2017 ба андозаи 61,3 млн. сомонӣ зиёд мебошад.**



Дар баробари ин, чуноне таъкид шуд, натиҷаи фаъолияти гурӯҳҳои корӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар аксари мақомоти ҳудудии андоз ҳоло ҳам ҳолатҳои ба таври сифрӣ ё пурра пешниҳод нашудани ҳисоботи андозӣ ва бе гузаронидани назорати камералӣ қабул намудани эъломияҳои андоз ҷой доранд. Махсусан, ҳолатҳои дар эъломияҳои андоз дуруст ва мушаххас нишон надодани шумораи воқеии коргарони кироя, пурра нишон надодани музди меҳнати кормандони кироя, ба расмият даровардани шартномаҳои меҳнатӣ, тибқи супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон давра ба давра зиёд намудани музди меҳнат ва тақвият бахшидани чорабиниҳо оид ба сари вақт ҷамъоварӣ намудани андози даромади шахсони воқеӣ ва андози иҷтимоӣ, назорати риояи қонунгузории андоз дар мавриди истифода аз кори кироя ва масъалаҳои ба пардохти андозҳо дар фаъолияти соҳибкорони тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда зиёд ба чашм мерасанд. Аз ҷумла, нишондиҳандаҳои дар эъломияҳо пешниҳодменамудаи субъектҳои хоҷагидор воқеияtro дуруст ва объективона инъикос наменамоянд. Дар пешниҳоди эъломияҳои андоз андозсупорандагон ба таҳрифкорӣ роҳ дода, бо истифода аз воситаҳои гуногун мехоҳанд маблағҳои андозро пинҳон намоянд.

Гузаронида шудани назорати камералӣ дар фаъолияти кооперативи тиҷоратии "Хуршед-85" аз ҷониби сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Нозироти андоз дар ноҳияи Ёвон И. Воҳидов собит сохт, ки корхона мутобиқи эъломияҳои ба мақомоти андоз пешниҳодкардааш дар давраи аз 1 январи сли 2016 то 30 сентябри соли 2018 даромади умумии худро ба маблағи 659297 сомонӣ нишон додааст, ки маблағи андози ҳисобшудаи он бо меъёри 6 фоиз 4291 сомонӣ ва бо меъёри 5 фоиз маблағи 29389 сомониро ташкил додааст. Вале тибқи маълумоти шартномаи тендерӣ дар давраи зикршуда даромади умумии корхона аз фурӯш ва хизматрасониҳо маблағи 1078889 сомониро ташкил додааст, ки андози ҳисобшудаи он бо меъёри 6 фоиз маблағи 64733 сомониро ташкил медиҳад.

Кооперативи тиҷоратии "Хуршед-85" мутобиқи моддаҳои 95 ва 104 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон супорандаи андоз аз даромади шахсони воқеӣ мебошад. Мувофиқи эъломияҳои ба мақомоти андоз пешниҳодгардида ҷамъият дар давраи ҳисоботӣ шумораи кормандони худро 4 нафар нишон дода, музди меҳнати онҳоро, дар маҷмӯъ, 64544 сомонӣ ва ҳиссаи андозро 7312 сомонӣ ҳисоб кардааст. Дар ҷараёни назорати камералӣ дар давраи аз 1 январи соли 2016 то 30 сентябри соли 2018 муайян гардид, ки шумораи коргарони кироя 7 нафар буда, музди меҳнати ба онҳо додашуда 126650 сомонӣ ва маблағи андоз 31663 сомониро ташкил медиҳад.

Мутобиқи моддаҳои 212-218 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаи илова ошкоршуда, ҳамзамон, манбаи андози иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, тахти андозбандӣ қарор дода мешавад, ки ҳиссаи андоз аз маблағи умумии 126650 сомонӣ бо меъёри 25 % барои шахсони ҳуқуқӣ 31663 сомониро ташкил медиҳад ва тибқи қонунгузории андоз маблағи номбурда бояд ба буҷет пардохт шавад. Ҳамин тавр, назорати камералӣ даромади андозбандишавандаро бо истифода аз усули алтернативӣ бо дастрасии моддаҳои 23-24 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозори кору хизматрасониҳо ва дигар маълумоти дастрасгардида вобаста ба ҳаҷми даромаднокӣ ба маблағи 54654 сомонӣ муайян намуд.

Соҳибкори инфиродӣ Қиёмиддин Каримов дар суроғаи ҳуқуқии ҷамоати деҳоти "Ҳасан Ҳусейн"-и ноҳияи Ёвон ба қайд гирифта шуда, аз 15 августи соли 2014 ба фаъолияти истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти қаннодӣ машғул мебошад. Мавсуф аз қонунгузории андоз хуб бохабар бошад ҳам, вале аз роҳҳои ғайриқонунии пинҳон доштани манбаъ ва маблағҳои андоз васеъ истифода менамуд.

Эъломияҳои ба мақомоти андоз пешниҳоднамудаи ӯ боиси шубҳаи кормандони мақомоти ҳудудии андоз гардиду фаъолияти ӯро тахти назорати камералӣ қарор доданд. Маълум гардид, ки бо дарназардошти тағйир ёфтани музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи кормандони кироя намудҳои фаъолияти иқтисодии ҷумҳурӣ дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон музди меҳнати номиналии миёнаи моҳонаи коргарони кироя аз рӯи соҳаи фаъолият ба ҳисоби миёна дар соли 2017 дар соҳаи савдои яклухт ва чакана 1091,4 сомониро ташкил додааст. Соҳибкори инфиродӣ Қ. Каримов бо мақсади пинҳон доштани маблағҳои андоз дар эъломияи ягонаи андоз музди меҳнати даромади воқеии коргарони кирояро нишон надодааст. Мавсуф моҳҳои январ-декабри соли 2018 барои ҳар нафар коргари кироя дар як моҳ дар эъломияҳои андоз ҳамагӣ 400 сомонӣ музди меҳнат нишон додаасту халос. Дар рафти назорати камералӣ мутобиқи талаботи қонунгузории андоз муқаррар шуд, ки дар ин давра фарқият 68758-18947=49811 сомониро ташкил медиҳад. Яъне нисбати Қ. Каримов бедарназардошти ҷарима ва фоизҳо ба маблағи 18928 сомонӣ маблағҳои бариловаи андоз ҳисобӣ шуд.

Дар мақомоти андози ноҳияи Ёвон андешидани тадбирҳои судмандро дар самти ошкор намудани қонунвайронкуниҳои андоз ва сари вақт гирифтани пеши роҳи ҳама гуна қонунвайронкуниҳо яке аз омилҳое медонанд, ки низоми пардохти андозҳоро таъмин намуда, ба ҷорӣ гардидани тартиботи ҳуқуқӣ шароит фароҳам меорад. Дар нозироти андоз роҳандозӣ намудани корҳои назоратиро асоси муваффқиятҳо меҳисобанд.

**М. ТАБАРЗОДА,**
**ноҳияи Ёвон**

# Масъулиятшинос мебояд буд

**Соҳибкорӣ аз ҷумлаи соҳаҳои афзалиятноки ҷомеа ба ҳисоб меравад. Фаъолияти пурсамари соҳибкорон аст, ки буҷети кишвар имрӯз ғанитар мегардад. Ҳар нафар бояд донад, ки бе ҳуҷҷатҳои лозима шурӯъ кардан ба фаъолияти соҳибкорӣ амалест номатлуб. Бо патент ё шаҳодатнома таъмин будани соҳибкорон ҳамеша мавриди назари кормандони мақомоти андоз қарор дорад.**

Натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда шаҳодат медиҳанд, ки фаъолияти як қатор нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳо дар ин самт нокифоя буда, тартиби андозбандии фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯи патент ҳоло ҳам дуруст ба роҳ монда нашудааст, ки ин омил ба ҷамъоварӣ ва воридоти маблағи патент таъсири манфии худро расонида истодааст.

Тибқи маълумот аз Феҳристи ягонаи давлатӣ ба ҳолати 1 январи соли 2019 дар мақомоти ҳудудии андоз 101447 нафар соҳибкори инфиродии бо патент фаъолияткунанда ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Аз ин ҳисоб ба маблағи 192,3 млн. сомонӣ андозҳо ба буҷет ворид гардидааст. Бояд зикр кард, ки агарчи шумора ва маблағи воридоти андозҳо аз ҳисоби соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда дар соли 2018 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, дар маҷмӯъ, афзоиш ёфта бошад ҳам, вале нишондиҳандаи нақшаи воридоти андозҳо дар миқёси ҷумҳурӣ ба андозаи 83,0 фоиз таъмин гардида, аз нақшаи пешбинигардида 39,5 млн. сомонӣ ё худ 17,0 фоиз кам мебошад.

Тавре сардори шуъбаи Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Собирҷон Исоев, иттилоъ дод, маблағи воридоти андоз аз ҳисоби соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда, дар маҷмӯъ, афзоиш ёфта бошад ҳам, вале ин нишондод дар баъзе аз мақомоти ҳудудии андоз дар 12 моҳи соли 2018 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта коҳиш ёфтааст. Аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои Рӯшон 13,4 ҳазор сомонӣ, Шуғнон 30,3 ҳазор сомонӣ, Ишкошим 1,4 ҳазор сомонӣ, Панҷ 162,9 ҳазор сомонӣ, Шаҳритус 52,2 ҳазор сомонӣ, Левакант 18,1 ҳазор сомонӣ, Кӯлоб 77,9 ҳазор сомонӣ, Кӯҳистони Мастчоҳ 41,7 ҳазор сомонӣ ва Сино 278,9 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.



Дар баробари камшавии маблағи воридоти андозҳо камшавии шумораи соҳибкорон низ дар баъзе аз мақомоти ҳудудии андоз ба назар мерасад. Масалан, камшавии шумораи соҳибкорони тибқи патент амалкунанда дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб 119 адад, Вахш 6 адад, Дӯстӣ 7 адад, Ҷалолиддини Балхӣ 19 адад, Панҷ 23 адад, Муъминобод 3 адад, Темурмалик 11 адад, Нуробод 4 адад, Шуғнон 20 адад ва Сино 154 адад рост меояд.

Масъалаи бақияи қарзи андозҳо, ки мақомоти андозро нигарон мекунад, ҳанӯз роҳи ҳалро ҷӯёст. Новобаста аз таъкидҳои пайваста, ҷаласаҳои алоҳидаи корӣ, мактубҳои дастурӣ ва тавзеҳотӣ вобаста ба ин самти фаъолият масъалаи бақияи қарзи андозҳо аз ҳисоби патент ҳанӯз ҳалли худро наёфтааст. Балки он дар баъзе аз мақомоти ҳудудии андоз рӯ ба афзоиш ниҳода истодааст.

Мутобиқи махзани маълумот дар ҷумҳурӣ (бе дарназардошти ВМКБ) ба ҳолати 01.01.2019 маблағи қарзи андозҳо аз ҳисоби патент (бо дарназардошти изофапулиҳо) 33,0 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали соли 2018 маблағи изофапулиҳо, дар маҷмӯъ, ба андозаи 2039,1 ҳазор сомонӣ ва маблағи қарзи андозҳо ба андозаи 3683,9 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфтааст. Зикр кардан бамаврид аст, ки маблағи қарзи андозҳо аз ҳисоби соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда бе дарназардошти изофапулиҳои андоз дар мақомоти ҳудудии андоз 42,7 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки аз ин 8,7 млн. сомонӣ ё 20,3 фоизи он ба вилояти Суғд 11,6 млн. сомонӣ ё 27,1 фоиз ба вилояти Хатлон 15,2 млн. сомонӣ ё 35,5 фоиз ба шаҳри Душанбе ва дар маҷмӯъ, 7,3 млн. сомонӣ ё 17,0 фоиз ба нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ рост меояд.

Афзоиши бақияи қарзи андозҳо, асосан, (аз 15 ҳазор сомонӣ зиёд) аз ҳисоби соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда дар нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Айнӣ, Деваштич, Зафаробод, Исфара, Гулистон, Конибодом, Истаравшан, Бобоҷон Ғафуров, Ашт, Данғара, Вахш, Дӯстӣ, Қубодиён, Левакант, Кӯлоб, Носири Хусрав, Шоҳмансур, Исмоили Сомонӣ, Фирдавсӣ, Сино, Ваҳдат, Турсунзода, Ҳисор, Рӯдакӣ, Файзобод, Варзоб ва Сангвор ба назар мерасад.

Боиси таассуф аст, ки баъзан аз ҷониби соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда маблағҳои патент сари вақт ва дар ҳаҷми пурра ба буҷет таъмин карда намешавад. Шумораи андозсупорандагоне, ки маблағҳои патенти худро сари вақт пардохт накардаанд, дар мақомоти ҳудудии андоз рӯз аз рӯз афзуда истодааст. Ин омил ба зиёд гардидани бақияпулиҳои андоз мусоидат менамояд.

Мутобиқи махзани маълумоти Кумитаи андоз ба ҳолати 01.01.2019 дар миқёси ҷумҳурӣ шумораи умумии соҳибкороне, ки азнавбақайдгирии давлатиро гузаштаанд (бо дарназардошти субъектҳое, ки аз рӯи гурӯҳҳои мазкур фаъолиятҳои худро қатъ намудаанд ва ба дигар гурӯҳҳо гузаштанд), 35046 адад ё 91,9 фоизро ташкил дода, тафовути шумораи соҳибкороне, ки азнавбақайдгирии давлатиро нагузаштаанд, 2651 ададро ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаи шумораи бештари соҳибкороне, ки азнавбақайдгирии давлатиро нагузаштаанд (аз 10 нафар зиёд), дар вилояти Хатлон шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Кушониён, Вахш, Хуросон, Қубодиён, Ҷалолиддини Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҷайҳун, Панҷ, Шаҳритус, Ёвон, Кӯлоб, Муъминобод, Восеъ, Ҳамадонӣ, Фархор, Данғара, дар вилояти Суғд дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Панҷакент, Истаравшан, Ашт, Спитамен, Бобоҷон Ғафуров, дар шаҳри Душанбе дар ноҳияҳои Шоҳмансур, Фирдавсӣ, Сино ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ дар Ваҳдат, Турсунзода, Ҳисор ва Рӯдакӣ ба инобат гирифта шудааст.

Зикр кардан бамаврид аст, ки барои бо патент ва шаҳодатнома таъмин будани соҳибкорон ҳам кормандони мақомоти андоз ва ҳам бевосита худи соҳибкорон бояд масъулиятшинос бошанд, то ин ки кор дар ин самт ҷоннок ва камбудиҳои ҷойдошта ислоҳ гарданд.

**Тоҷинисои ЗАЙНИДДИН,**

## Чораҳо баҳри кам намудани қарзи андоз

Бақияи қарзи андоз дар Нозироти андози шаҳри Истаравшан ба ҳолати имрӯза 7 миллиону 857 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Қарзи мавҷудаи андоз, асосан, ба соҳаҳои кишоварзӣ-3 миллиону 623 ҳазор сомонӣ, саноат - 551 ҳазор сомонӣ, сохтмон - 204 ҳазор сомонӣ, мелиоратсия ва захираҳои об - 109 ҳазор сомонӣ, бонкҳо - 98 ҳазор сомонӣ рост меояд.

Дар соли 2018 дар натиҷаи андешидани тадбирҳо дар доираи талаботи қонунҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ қарзи андоз бо дарназардошти шуъбаҳои НАМ ва НАК нисбати аввали сол ба маблағи қариб 3 миллион сомонӣ кам шудааст.

Дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр баҳри кам намудани бақияи қарзи андоз комиссияи махсус таъсис дода шуда, айни ҳол дар ин самт корбарӣ намуда истодааст. Дар рафти ҷаласаи корӣ ва муҳокимаи ин масъала андозсупорандагони аз буҷети давлатӣ қарздор мувазаф гардиданд, ки қарзҳои мавҷудаи андози худро сари вақт пардохт намоянд. Таъкид гардид, ки дар ҳолати дар мӯҳлатҳои таъиншуда пардохт нашудани қарзи андоз аз тарафи андозсупорандагони аз буҷети давлатӣ қарздор, нисбати онҳо аз ҷониби мақомоти андоз чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андоз татбиқ мешаванд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

## Новая Зеландия задумались о новых налогах для Google и Facebook

### В правительстве страны считают, что существующая система налогообложения несправедлива

**Правительство Новой Зеландии планирует повысить налоги таким IT-гигантам, как Google и Facebook, пишет Интерфакс со ссылкой на информагентство Associated Press.**

По словам премьер-министра Джасинда Ардена, нынешняя система налогообложения несправедлива, так как эти организации очень много зарабатывают в Новой Зеландии, при этом отчисляя в бюджет страны несоразмерно маленькие суммы налогов.

В связи с этим правительство Новой Зеландии предлагает обложить международные IT-корпорации налогом в размере 2-3% от доходов, которые они получают в стране. Аналогичную ставку рассматривают и другие государства, которые сейчас прорабатывают изменения налогового законодательства в данной сфере.

Стоит отметить, что новый налог может быть введен уже в 2020 г.

**http://taxpravo.ru/international**

# Роҳҳои беҳтари сатҳи хизматрасонӣ

**Чанде пеш дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки андозсупорандагони ноҳияҳои Исмоили Сомонӣ, Шоҳмансур, Сино ва Фирдавсии шаҳри Душанбе доир ба масъалаи утоқи шахсии андозсупоранда ва мукаммалу замонавӣ гардонидани он семинар-машварат баргузор шуд.**



Нахуст, муовини якуми Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аюбҷон Солеҳзода сухан гуфта, қайд намуд, ки яке аз самтҳои муҳими фаъолияти мақомоти андоз ин такмил ва беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ, аз ҷумла, хизматрасониҳои электронӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои такмил додани барномаҳои компютерии Системаи иттилоотии андоз ва дар ин замина беҳтар намудани сифати хизматрасонии электронии мақомоти андоз пайваста чораҷӯӣ намуда истодааст.

Қайд бояд кард, ки мақсад аз мавриди истифода қарор додани технологияҳои муосири иттилоотӣ дар мақомоти андоз, дар баробари дар сатҳи замонавӣ ташкил намудани баҳисобгирии бақайдгирии андозсупорандагон, баҳисобгирии манбаъҳои андозбандии онҳо, назорати шаффофияти кори нозирони андоз, созмон додани махзанҳои маълумот ва имкониятҳои васеи таҳлилии нишондиҳандаҳои фаъолият ва раванди андозсупории андозсупорандагон, ҳамчунин ҳаддалимкон сода намудани иҷрои уҳдадориҳои андозии андозсупорандагон мебошад.

Кумитаи андоз дар доираи маблағгузории лоиҳаи Бонки ҷаҳонӣ бо мақсади беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон аз санаи 01.02.2019 модулҳои нави барномаҳои компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳоро (СМИИА) мавриди амал қарор додааст.

Баъдан, сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Назрулло Маликзода суханронӣ намуд. Ӯ қайд кард, ки барномаҳои таҳияшуда як қатор функсияҳоро барои идоракунии ҷараёни иттилоот аз Кумитаи андоз, инчунин, андозсупорандагон, фароҳам овардани доираи васеи хидматҳои вебӣ ва модули махсус дар бар мегирад.

Яке аз ин модулҳои ба истифодадодашуда ин барномаи компютерии СИА "Утоқи шахсии андозсупорандагон" ба ҳисоб меравад. Модули мазкур бо мақсади ҳалли масъалаҳои идоракунии ҳамгироишуда ва автоматикии равандҳои хизматрасонӣ таҳия шудааст.

Тавассути модули мазкур андозсупорандагон метавонанд эъломияҳои худро ба мақомоти андоз тавассути "Утоқи шахсии андозсупоранда" дар шакли электронӣ пешниҳод намуда, ҳисобварақаҳои худро аз ҳолати ҳисоббаробаркунӣ бо буҷети давлатӣ аз назар гузаронанд. Ҳамзамон, оид ба тағйирот дар соҳаи қонунгузории андоз сари вақт огоҳ шуда, аз анбори электронӣ истифода намоянд.

**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

# Вусъати фаъолияти соҳибкорӣ

**Имрӯз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми имкониятҳоро фароҳам овардааст, ки соҳаи соҳибкорӣ дар кишвар рушд намояд. Ба гуфтаи коршиносон яке аз нишонаҳои авввалиндараҷаи дигаргунсозии даврai гузариш ба иқтисодиёти бозаргонӣ ин рушди соҳибкорӣ дар кишвар мебошад. Он барои расидан ба ҳадафҳои нек, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳо ва муътадилсозии молиявӣ, ба ҷойҳои кори нав таъмин намудани аҳолӣ ва афзун кардани бозори истеъмолӣ нақши муҳим мебозад.**

## Шарҳи мутахассис оид ба сабабҳои қатъ гардидани фаъолияти соҳибкорӣ



Дар ин робита Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ кӯшиш намуда истодааст, ки бақайдгирии фаъолияти соҳибкориро давра ба давра сода намояд, то шаҳрвандон тавонанд ба мақомоти андоз ҳозир нашуда, фаъолияти соҳибкории худро ба қайд гиранд. Бо истифода аз ин имконият рӯз аз рӯз сафи соҳибкоррон афзуда истодааст.

Тибқи иттилои сардори Раёсати бақайдгирии андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон МЭЛС Меликов ба ҳолати 1 –уми январи соли 2019 дар кишвар 315890 субъекти хоҷагидор расман амал менамоянд, ки аз онҳо 30801 шахси ҳуқуқӣ, 101370 соҳибкори инфиродие, ки тибқи патент фаъолият мекунанд, 33572 соҳибкори инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома амал мекунанд, 149774 хоҷагии деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва 373 ададро филиалу намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ташкил менамоянд. Ин рақам нисбат ба 1 январи соли 2018 ба андозаи 14588 адад зиёд аст. Ҳамчунин, гуфта мешавад, ки дар ин давра 42104 адад субъекти хоҷагидор ба қайд гирифта шуда, 27548 субъект фаъолияти худро қатъ намудаанд.

Бояд қайд намуд, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" дар ҳолати дар муҳлати зиёда аз шаш моҳи пай дар пай бо тартиби муқарраргардида пешниҳод накардани ҳисоботи андоз (омор ё суғуртаи иҷтимоии давлатӣ), ё пардохт накардани андозҳои муқарраршуда ё сари вақт тағйир надодани маълумот дар Феҳристи ягонаи давлатӣ оид ба маҳалли ҷойгиршавии (суроға) мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ метавонанд барои барҳам додани шахси ҳуқуқӣ ва қатъ намудани фаъолияти филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ ё соҳибкори инфиродӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ариза ба суд муроҷиат намоянд. Дар давраи соли 2018 аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастрасии моддаи зикргардида нисбати як қатор субектҳое, ки амалан фаъолият намекунанд, ба мақомоти судӣ бо ариза муроҷиат гардида, аризаҳои мазкур қонеъ карда шуд. Дар маҷмӯъ, 110 шахси ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Исломии Эрон таъсис дода шуда, минбаъд бефаъолият боқӣ монда буданд, барҳам дода ва аз Феҳристи ягонаи давлатӣ хориҷ шуданд.

М. Меликов илова намуд, ки дар баробари ин, тибқи қонуни мазкур аз ҷониби Комиссияи доимоамакунандаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муайян намудани субектҳои бефаъолият парвандаи ҳуқуқии як қатор субъектҳо баррасӣ гардида, тибқи хулосаи Комиссияи мазкур 41 шахси ҳуқуқӣ ва 1222 соҳибкори инфиродӣ аз Феҳристи ягонаи давлатӣ хориҷ шуданд. Дар маҷмӯъ, 1373 субъекти соҳибкорӣ аз Феҳристи ягонаи давлатӣ хориҷ шуданд, ки аз ин ҳисоб 151 адади он шахси ҳуқуқӣ ва 1222 ададашро соҳибкори инфиродӣ ташкил медиҳанд.

Номбурда оид ба сабабҳои барҳамхӯрии шахсони ҳуқуқӣ гуфт, ки яке аз сабабҳои барҳамхӯрии субъектҳои хоҷагидор дар он аст, ки муассисони аксарияти субъектҳо бо мақсади канораҷӯӣ аз пардохти андозҳо, фаъолияти корхонаро қатъ намуда ё аз нав корхона таъсис дода, дар шакли соҳибкори инфиродӣ фаъолияти худро ба роҳ мемонанд. Мисол, ҳангоми зиёдшавии даромади соҳибкор ё корхона он тибқи қонунгузорӣ бояд ҳамчун супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифта шаванд. Аммо шахсони масъули ин корхонаҳо ва соҳибкорон бо мақсади канораҷӯӣ аз пардохти ин намуди андоз фаъолияти худро қатъ намуда, боз барои дар низоми содакардашудаи андоз фаъолият намудан ба номи дигар ашхос намуди фаъолияти соҳибкории нав ва ё корхонаҳои нав ташкил карда, минбаъд фаъолияти худро идома медиҳанд. Инчунин, дар баробари ҳолати зикргардида бӯҳрони молиявӣ-иқтисодӣ ва беқурбшавии асъори миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ (доллари ИМА) ба қатъ гардидани фаъолияти субъектҳои хоҷагидор таъсир расонидааст.

Қайд гардид, ки дар соли 2018, дар маҷмӯъ, 40891 соҳибкори инфиродӣ ба қайди давлатӣ гирифта шуда, 26272 субъект фаъолияти худро қатъ намудаанд, ки шумораи субъектҳои навтаъсис нисбат ба қатъгардидаҳо 14622 адад зиёд мебошад. Аз ҷумла, шумораи соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома таъсисёфта 1625 адад, патент 5417 адад ва хоҷагиҳои деҳқонӣ 7580 адад нисбати қатъгардидаҳо зиёд мебошанд .

Гуфта мешавад, ки тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" 1222 субъети хоҷагидор тибқи хулосаи Комиссияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Феҳристи ягонаи давлатӣ хориҷ шудаанд.

- Дар баробари ҳолатҳои зикргардида, баъзе шахсони воқеӣ бо мақсади гирифтани қарзҳои имтиёзноки бонкӣ ё гирифтани қарз аз ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати харидории чипта барои муҳоҷирати меҳнатӣ ё ин ки барои дигар мақсадҳо амалӣ намуда, як қисми онҳо баъд аз як - ду моҳ фаъолияти соҳибкории худро қатъ намуда, як қисмати дигар аз надонистани қонунгузорӣ ё саҳлангорӣ патенту шаҳодатномаи худро расман қатъ намекунанд, ки дар натиҷа, бо роҳи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратии мақомоти андоз, онҳо фаъолияти соҳибкории худро расман қатъ менамоянд,- гуфт М. Меликов

Ба гуфтаи ӯ сабаби дигари қатъшавии фаъолияти соҳибкорон, аз ҷумла андозсупорандагоне, ки тибқи патент фаъолият менамоянд ва ба мусофиркашонӣ ё боркашонӣ машғуланд, ин аст, ки бо мақсади ба даст овардани иҷозатнома (литсензия) барои мусофиркашонӣ ва ё боркашонӣ, шахсони воқеӣ фаъолияти соҳибкории худро тибқи патент ба қайд гирифта, маблағи як ё думоҳаи патентро пардохт менамоянд. Онҳо баъди ба даст овардани иҷозатнома фаъолияти худро қатъ намуда, даъво мекунанд, ки дигар фаъолият намекунанд ё ба дигар кор гузаштаанд. Вале дар асл, тавре корҳои назоратӣ нишон медиҳанд, онҳо фаъолияти мусофиркашонӣ ё боркашонии худро бе ҳуҷҷати соҳибкорӣ идома дода истодаанд.

Аз ин рӯ, аз тамоми соҳибкорони фаъолияткунанда даъват ба амал оварда мешавад, ки уҳдадориҳои худро сари вақт иҷро намуда, дар муҳлати муқарраршуда марҳалаи бақайдгириро таъмин карда, ҳуҷҷатҳои соҳибкории худро ба қонунгузорӣ мутобиқ намоянд.

**Ҳамзамон, ба маълумоти соҳибкорон расонида мешавад, ки дар сурати ба анҷом расонидани фаъолияти соҳибкорӣ уҳдадоранд фаъолияти худро тибқи тартиби муқарраргардида расман қатъ намоянд. Дар сурати қатъ накардани фаъолияти соҳибкории хеш онҳо ҳамчун андозсупорандаи амалкунанда эътироф гардида, барои ин давраҳо аз онҳо андоз ситонида мешавад.**

**Мазҳаб ҶУМЪА**

# Андозсупоранда дар кадом ҳолат ҷарима мешавад?

**Агарчи дар вилояти Хатлон риояи қонунҳо мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор доранд, вале ҳамоно бетаваҷҷуҳӣ ва бемасъулиятии қисмате аз андозсупорандагон боиси тартиб додани парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мегарданд.**

- Танҳо дар моҳи январи соли 2019-ум 252 адад парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 205 ҳазору 360 сомонӣ тартиб дода шуд, - гуфт сармутахассис оид ба таъмини ҳуқуқии Раёсати андози вилояти Хатлон Бахтиёр Каримов. Мавсуф илова намуд, ки дар воҳўриҳои иттилоотию фаҳмондадиҳӣ аз қонунгузориҳо, махсусан аз Кодекси андоз ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон сареъ истифода мебарем. Андозсупорандагонро бо қонуну қоида ва тартибу интизоми андозсупорӣ шинос мекунем. Аммо то ҳол мушкилоти мазкур пуррӣ ҳалли худро пайдо накардааст.

Ба иттилои Б. Каримов нисбати 28 андозсупоранда барои риоя накардани талаботи қонун бо моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст. Дар вилоят мушкилоти асосӣ риоя - нашудани моддаи 620 мебошад. Аксарияти андозсупорандагон бо ин модда ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд. Зимни шарҳи моддаи 620 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон Бахтиёр Каримов изҳор дошт, ки тибқи моддаи мазкур барои дар мӯҳлати муқарраршуда пешниҳод накардани ҳисобот ва сари вақт пардохт накардани андози иҷтимой ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст. Яъне ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент фаъолият менамоянд ва шахсони мансабдор ба андозаи аз чил то панҷоҳ, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз яксаду ҳаштод то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад. Асосан, бо ҳамин сабаб дар аксари шаҳру навоҳӣ андозсупорандагон ҷарима мешаванд. Тибқи қисми дуюми ҳамин модда барои кам нишон додан ва ё пинҳон кардани андози иҷтимой ба шахсони мансабдор ба андозаи аз ҳаштод то сад нишондиҳанда, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз дусаду панҷоҳ то сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин мегардад. Аз сабаби камтаваҷҷуҳӣ бо моддаи зикршудаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ 17 адад парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуд.



Гуфта шуд, ки 24 адад парвандаи маъмурӣ барои риоя накардани мӯҳлати бақайдгузорӣ дар мақомоти андоз ва бо моддаи 604 барои нишон надодан ё нодуруст нишон додани рақами ягонаи мушаххас ва рақами мушаххаси андозсупоранда дар эъломияҳои андоз ва гумрук, ҳисобномафактураҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи Кодекси андоз 21 адад парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст.

- Роҳбари Идораи давлатии обёрӣ ва беҳдошти замини ноҳияи Вахш бо моддаи 620 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 10 ҳазор сомонӣ ҷаримабандӣ гардид, -гуфт Б. Каримов.

Ба иттилои масъулон, парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бештар дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Вахш, Кушониён, Хуросон, Панҷ ва Ёвон тартиб дода мешавад. Аз ин лиҳоз, Раёсати андози вилояти Хатлон соли равон бештар дар шаҳру ноҳияҳои мазкур гузаронидани семинар-машварат ва корҳои фаҳмондадиҳиро ба нақша гирифтааст.

**С. РУСТАМ,**
**вилояти Хатлон**

# Санҷиши назоратӣ чиро ошкор кард?

Кормандони нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ соли гузашта ҷиҳати ошкор намудани маблағҳои пинҳонӣ дар фаъолияти 28 нафар андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузарониданд.



**Тавре мутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ Тоҳир Искандарзода қайд намуд, ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти соҳибкорон як қатор ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷумла, пинҳонкунии маблағҳо ошкор гардид.**

Масалан, муоинаи хронометражии дар фаъолияти ҶДММ «Субҳони Исмоил» гузаронидашуда муайян кард, ки ҷамъият пеш аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ даромади умумии худро дар як моҳ ба маблағи 8231 сомонӣ ба нозироти андоз нишон медод, аммо дар натиҷаи гузаронидани муоинаи хронометражӣ маълум гардид, ки даромади умумии ҷамъият дар як моҳ 19110 сомониро ташкил медиҳад. Нисбати соҳибкор дар асоси моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2000 сомонӣ ҷарима таъин гардид.

Ҳамин тавр, муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти соҳибкори инфиродӣ Раъногул Мирзоева, ки ба истеҳсол ва фурӯши таомҳои миллӣ машғул буд, ба роҳ монда шуд. Соҳибкор пеш аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ даромади умумии худро дар як моҳ ба маблағи 16550 сомонӣ нишон медод. Баъди гузаронидани муоинаи хронометражӣ маълум гардид, ки даромади умумии соҳибкор 30500 сомониро ташкил медиҳад. Соҳибкор Р. Мирзоева 13950 сомониро аз мақомоти андоз пинҳон доштааст, ки дар натиҷа ба маблағи 2000 сомонӣ ҷарима гардид.

Ба ҳамин монанд, муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти соҳибкори инфиродӣ Алиҳайдар Холиқов, ки ба фурӯши хӯрокворӣ машғул буд, гузаронида шуд. Соҳибкор пеш аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ даромади умумии худро дар як моҳ ба маблағи 13100 сомонӣ ба мақомоти андоз нишон медод. Дар рафти санҷиши хронометражӣ муайян гардид, ки маблағи даромади умумии ӯ 25100 сомониро ташкил медиҳад. Яъне ӯ 12000 сомониро аз мақомоти андоз пинҳон намудааст. Муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти ҶДММ «Саиди Абдуҷаббор» низ гузаронида шуд. Ҷамъият пеш аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ даромади якмоҳаи худро ба маблағи 4182 сомонӣ нишон медод. Дар натиҷаи гузаронидани муоинаи хронометражӣ даромади умумии андозсупоранда 12620 сомониро ташкил дод. Соҳибкор маблағи 8438 сомониро аз Нозироти андози ноҳияи Восеъ пинҳон намудааст. Нисбат ба роҳбари ин ҷамъият бо моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 4000 сомонӣ ҷарима таъин гардид. Муоинаи жронометражӣ дар фаъолияти соҳибкор Сайдакбар Назаров низ гузаронида шуд. Номбурда ба хариду фурӯши масолеҳи сохтмонӣ машғул буд. Ӯ пеш аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ маблағи даромади умумии худро дар як моҳ ба андозаи 12217 сомонӣ нишон медод. Дар натиҷаи гузаронидани муоинаи хронометражӣ маълум гардид, ки даромади соҳибкор дар як моҳ 31720 сомониро дар бар мегирад. Соҳибкор Назаров 19503 сомонӣ маблағро аз мақомоти андоз пинҳон намудааст. Муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти соҳибкорон Эмом Шарифов, Толибҷон Маманазаров, Далер Гулов, Фирӯз Одинаев, Шуҳрат Усмонов, Комилҷон Одинаев ва Сафар Қурбонов ҳам гузаронида шуд.

**Дар натиҷаи гузаронидани муоинаи хронометражӣ маълум гардид, ки маблағи даромади умумии андозсупорандагон 461174 сомониро дар бар мегирад. Ҳамин тавр 151 ҳазору 524 сомонӣ маблағи пинҳоншудаи соҳибкорон ошкор ва ба буҷет таъмин гардид.**

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Google в России платит недостаточно налогов

## Так считает спикер Госдумы Вячеслав Володин

**Госдума предприняла направила запрос в ФНС России, чтобы разобраться с налоговыми платежами компании Google в бюджет РФ, сообщил глава нижней палаты парламента Вячеслав Володин, пишет «Интерфакс».**

«Мы сейчас запросили в Федеральной налоговой службе дополнительную информацию, обсудим ее с экспертами. Потому что вопрос (о налоговых платежах компании в РФ) стоит намного глубже, чем его воспринимает компания Google», — поведал председатель Госдумы.

По его словам, компания считает, что те платежи, которые она осуществляет в РФ и в странах Европы, «достаточны». Это их мнение, отметил Володин.

«На самом деле они не платят налог на контентную рекламу, которую они собирают по всем странам Европы, а используют офшоры в Нидерландах и в Ирландии», — рассказал депутат.

Спикер Госдумы пообещал, что парламентарии не оставят эту тему. «Мы к этой теме вернёмся, подготовимся и, возможно, даже заслушаем в Думе», — заявил он.

http://taxpravo.ru/international

# Ҳадаф - баланд бардоштани маърифати андозӣ

Бо мақсади баланд бардоштани маърифати андозии андозсупорандагон ва дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳо ба андозсупорандагону шаҳрвандон мақомоти андоз навъи хизматрасонии беҳтарро ба роҳ мондааст, ки он Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон (СЯХА) мебошад.

Доир ба паҳлуҳои ин навъи хизматрасонӣ суҳбате доштем бо сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Назрулло Маликзода, ки фишурдаи онро манзуратон мегардонем.

**- Нахуст мегуфтед, ки мақомоти андоз барои беҳтар гардонидани вазъи хизматрасонӣ чӣ корҳоро то ин вақт анҷом додааст ва дар оянда чӣ нақшаҳо дорад?**

- Мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро роҳнамои кори худ қарор додааст. Вобаста ба ин, барои вусъат бахшидан ба корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ, беҳтар сохтани хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон ва дар маҷмӯъ мусоидат намудан ба рушди соҳибкорӣ, дар асоси Фармоиши Кумитаи андоз "Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон" дар таҳрири нав қабул гардидааст, ки "Овезаҳои иттилоотӣ" дар нозиротҳои андоз ва сомонаи Кумитаи андоз ҷой дода шудааст. Мақомоти андоз кӯшиш карда истодааст, ки тамоми хизматрасониҳои худро тариқи электронӣ ба роҳ монад.




**- Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон чист ва ба кадом мақсад ба роҳ монда шудааст?**

- Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон (СЯХА) санади меъёриест, ки тартиб ва стандартҳои хизматрасонии мақомоти андозро ба андозсупорандагон татбиқ менамояд. Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ҷиҳати баланд бардоштани тафаккури андозсупорандагон дар муносибатҳои андозӣ ва дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагон қабул гардидааст.

СЯХА бахри баланд бартоштани ҳисси масъулиятшиносии кормандони мақомоти андоз, огоҳ намудани андозсупоранда аз расмиятҳои хизматрасонӣ ва баланд бардоштани тафаккури онҳо мебошад.

Дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳо ба андозсупоранда, сода ва сабук намудани тартиби (расмиёти) хизматрасонӣ ба андозсупоранда, таъмини дастрасии андозсупорандагон ба хизматрасониҳои мақомоти андоз, таъмин кардани сарфаи вақт барои андозсупорандагон ҳангоми истифода аз хизматрасониҳои мақомоти андоз ва ҳимоя намудани манфиатҳои андозсупоранда дар муносибатҳои андозӣ низ аз ҳадафҳои дигари СЯХА аст.

**- Ин навъи хизматрасонӣ дар заминаи кадом хизматрасониҳои андозии кишварҳои хориҷа ҳадафи асосӣ қарор гирифтааст?**

- Омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешрафта аз қабили Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Озарбойҷон ва Қазоқистон муайян намуд, ки дар ин давлатҳо Стандартҳо бо мақсади беҳтар намудан ва ба таври замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳои мақомоти андоз амал мекунанд.

**- Сохту таркиб ва шакли СЯХА чӣ гуна аст?**

- Бояд гуфт, ки СЯХА номгӯи хизматрасонӣ ва тартиби ба андозсупорандагон пешниҳод намудани хизматрасониҳоро дар бар мегирад. Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон аз замимаҳои 1 ва 2 иборат буда, замимаи 1 аз муқаррароти умумӣ, сохтор ва таркиби СЯХА, мундариҷаи хизматрасониҳои СЯХА, принсипҳои корӣ, натиҷаҳои корӣ, тартиби шикоят намудан, ахбороти тамосӣ иборат мебошад.

Ҳар як хизматрасонии Кумитаи андоз, ки дар СЯХА дохил шудааст, як сатрро дар бар мегирад.

**- Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар мақомоти андоз чӣ принсипи корӣ дорад?**

- Принсипи кории СЯХА нисбат ба дигар шаклҳои хизматрасонӣ комилан мукаммал ва фароҳтар аст, ки инҳо мебошад:

1) пешниҳод намудани маълумоти пурра оид ба ҷараёни хизматрасонӣ ба андозсупорандагон;

2) риояи ҳуқуқҳои андозсупорандагон ҳангоми хизматрасонӣ;

3) хушмуомилагӣ ва риояи одоби хазматчии давлатӣ;

4) нигоҳдорӣ, ҳимоя ва таъмини сирри маълумот, ки андозсупорандагон пешниҳод намудаанд.

**- Шикоят нисбати амали (беамалии) кормандони масъули мақомоти андоз, ки ба андозсупорандагон хизмат мерасонанд, вуҷуд дорад?**

- Кумитаи андоз пайваста мақомоти ҳудудии андозро огоҳ менамояд, ки ҳангоми хизматрасонӣ ба андозсупорандагон муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ", Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, талаботи Стандартҳои ягонаи хизматрасонӣ ва дигар талаботи муқарраргардидаи соҳаи андозро риоя намуда, дар муносибат бо андозсупорандагон хушмуомила бошанд. Ҳамзамон, ёдрас менамоем, ки ба ҷойи қоидаҳои рафтори кормандони мақомоти андоз бо Фармоиши дахлдори Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2017, №270 Кодекси одоби касбии кормандони мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст, ки иҷрои муқаррароти он барои тамоми кормандон ҳатмӣ мебошад.

Дар соли 2018 аз рӯи шикоятҳои андозсупорандагон 30 корманди мақомоти андоз бо Фармоиши Раиси Кумитаи андоз муҷозот гардиданд. Аз ҷумла, 3 нафар аз мансаб озод, 6 нафар танбеҳи қатъӣ, 8 нафар танбеҳ, 5 нафар сарзаниш ва 7 нафари дигар огоҳӣ гирифтанд.

Аз муроҷиатҳои баъзе андозсупорандагон бармеояд, ки сарфи назар аз талаботи қонунгузорӣ, таъкидҳои пайваста ва дастуру супоришҳои бевоситаи роҳбарияти Кумитаи андоз, баъзе кормандони мақомоти ҳудудии андоз дар муносибат ба андозсупорандагон ва иҷрои талаботи муқарраргардида хунукназарӣ мекардаанд. Дар сурати пайдо шудани чунин ҳолатҳо нисбати онҳо чораҳо андешида мешавад.

**- Шаҳрвандон ё андозсупорандагон чӣ тавр метавонанд дар бораи ин навъи хизматрасонӣ маълумоти бештар гиранд?**

- Андозсупорандагон ва шаҳрвандон метавонанд аз сомонаи расмии Кумитаи андоз (www.andoz. tj) ва Бахши иттилоотӣ бо истифода аз рақами телефонии содакардашудаи «151» маълумоти пурра гиранд:

- аз Кумитаи андоз оид ба гузаронидани чорабиниҳои Кумитаи андоз;
- аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дастурамалҳо, мактубҳои тавзеҳотӣ оид ба масъалаҳои андозбандӣ;
- аз хизматрасониҳои «Утоқи шахсии андозсупоранда» тавассути сомона;
- дар форуми муҳокимаҳои масъалаҳои гуногуни андозбандӣ оид ба сатҳи хизматрасонии мақомоти андоз ширкат варзад;
- сатҳи хизматрасониҳои воҳидҳои сохтории мақомоти андоз ва кормандони онро баҳогузорӣ намояд, эрод ва пешниҳодҳои худро манзур намояд.

Инчунин, андозсупорандагон ва шаҳрвандон метавонанд, оид ба гирифтани маълумот дар бораи РМА, РЯМ ва Рамзҳои ба ҳисоб гузоштан РСБ-и андозсупоранда бо рақами телефонии содакардашудаи «152» ба Бахши иттилоотии Кумитаи андоз муроҷиат намоянд.

**- Хизматрасониҳои мақомоти андоз чӣ гуна ба роҳ монда шудааст: пулакӣ ва ё ройгон?**

- Маълум аст, ки имрӯзҳо тамоми намудҳои хизматрасониро ба хотири ба даст овардани фоида ба роҳ мемонанд. Дар баробари ин, дар баъзе ниҳодҳо барои расонидани кӯмак ба шаҳрвандон хизматрасониҳои ройгон ва ё нисбатан арзон пешбинӣ гардидааст. Мақомоти андоз, дар масъалаи хизматрасонӣ нисбатан пешдасттар аст. Ёдовар бояд шуд, ки дар Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомоти андоз 75 номгӯи хизматрасониҳо ҷойгир шудааст. Аз ин 13 номгӯи хизматрасонӣ музднок ва 62 адади дигар ройгон анҷом дода мешавад.

**Мусоҳиб**
**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

# Фаъолияти соҳибкорӣ тибқи шаҳодатнома

**Мутахассисони гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Нозироти андоз дар шаҳри Хуҷанд имрӯзҳо барои баланд бардоштани самаранокии кори соҳа ва иҷрои сифатноки нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ дар соли 2019 кӯшиш ба харҷ дода истодаанд. Мувофиқи маълумоти бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар Нозироти андози шаҳри Хуҷанд ба санаи 1-уми январи соли 2019 ҳамагӣ 2 ҳазору 458 нафар соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ба қайд гирифта шудаанд, ки ин теъдод назар ба ҳамин давраи соли гузашта 137 нафар зиёд мебошад.**

Мутобиқи барномаи таҳлилии СИА «Баҳисобгирии андозҳо» 66 фоизи андозсупорандагон дар ин давра эъломияҳои андозро пешниҳод намудаанд. Шумораи коргарони кироя 2 ҳазору 341 нафарро ташкил додааст. Музди миёнаи меҳнат тақрибан 684 сомонӣ ба як коргари кироя рост меояд. Шумораи коргарони кироя қиёсан ба ҳамин давраи соли сипаришуда 307 нафар бештар ва музди меҳнати онҳо ба ҳисоби миёна 41,0 сомонӣ зиёд гардидааст. Андозҳои пардохтшуда 23,5 млн. сомонӣ ё худ 119 %-ро ташкил дода, ба ҳисоби миёна ба ҳар як андозсупоранда 1184 сомонӣ рост омадааст ва нисбат ба ҳар як андозсупоранда 230 сомонӣ афзоиш ёфтааст.

-Нисбати соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони воқеие, ки ба қонунвайронкуниҳои андоз роҳ додаанд 189 адад қарор ва протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 276,6 ҳазор сомонӣ тартиб дода шудааст,- мегӯяд сардори гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Нозироти андоз дар шаҳри Хуҷанд Нозимҷон Ҷабборов. Дар асоси талаботи моддаҳои 38-39 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи соли 2018 ба миқдори 660 нафар соҳибкори инфиродӣ бо МНХ-и дорои хотираи фискалӣ таъмин шудаанд. Нисбати 92 нафар соҳибкор барои вайрон кардани талаботи моддаи 614-615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 233,0 ҳазор сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ гардида ва маблағи мазкур пурра ба буҷети давлатӣ пардохт гардидааст.

Аз тарафи гурӯҳи хизматрасонӣ ба 229 нафар соҳибкор, ки маблағи қарзи онҳо 1650,7 ҳазор сомониро ташкил медод, огоҳиномаҳо оид ба пардохти қарзи андоз ирсол шудааст ва аз ин ҳисоб 165 нафар соҳибкор ба маблағи 569,7 ҳазор сомонӣ қарзҳои андози худро пурра ба буҷети давлатӣ пардохт намудаанд. Нисбати 8 нафар соҳибкор чораҳои маҷбуран ситонидани бақияи қарзи андоз татбиқ гардидааст.

Дар соли гузашта аз ҷониби гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродӣ дар фаъолияти 345 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида шуд, ки дар натиҷа, ба маблағи 2870,4 ҳазор сомонӣ ҳолатҳои кам ҳисоб кардан ва пинҳонкунии андозҳо ошкор гардид. Аз он 2381,1 сомонӣ эъломияи иловагии андоз ҳисоб ва ба буҷет ворид шудааст. Инчунин, дар фаъолияти 37 нафар соҳибкори инфиродӣ муоинаи хронометражӣ гузаронида шуд. То муоина даромади умумии онҳо 884521 сомониро ташкил медод ва дар натиҷаи муоинаи хронометражӣ манбаи андозбандишавандаи онҳо ба 1774845 сомонӣ баробар ё ин ки як маротиба зиёд карда шуд. Ҳамзамон, барои риоя накардани талаботи қонунгузории андоз нисбати 34 нафар соҳибкор протоколҳои маъмурӣ татбиқ гардидааст.

Гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Нозироти андоз дар шаҳри Хуҷанд тамоми қувваю ғайрат ва донишу таҷрибаи худро барои таъмини иҷрои саривақтӣ ва сифатноки нишондиҳандаҳо равона намудаанд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# Вазъи тамғагузорӣ ва МНХ дар НФС-ҳо

**Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ ҷиҳати иҷрои Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тамғагузории нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ ва назорати истифодаи тамғаҳо», ки аз 09.08.2016, таҳти №291 ба тасвиб расидааст, дар соли сипаригардида тадбирҳои заруриро рӯи кор гирифтанд.**

Тавре муовини сардори Нозироти андози ноҳияи Восеъ Хоҷавалӣ Сафаралиев зикр кард, айни замон дар ҳудуди ноҳияи Восеъ 23 адад нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ (НФС) дар қайди мақомоти андози ноҳия мебошанд. Ҳамаи нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ бо колонкаҳо таъмин гардида, пурра тамғагузорӣ шудаанд. Дар ин давра, аз тарафи кормандони нозироти андози ноҳия бо мақсади ошно шудан бо фаъолияти НФС-ҳо санҷиш гузаронида шуд. Рафти санҷиш муайян кард, ки баъзе аз соҳибкорон нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ дар ноҳияи Восеъ аз МНХ ба тарзи дуруст истифода намекунанд. Аз ҷумла, ҶДММ «Шералӣ - Қ» роҳбараш Қурбоналӣ Шералиев ҳангоми фаъолият аз МНХ - и дорои ТИЭ ва Дафтари бақайдгирӣ ба тарзи дуруст истифода намекард. Дар натиҷаи санҷиш нисбати соҳибкор бо моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкуии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2000 сомонӣ ҷарима таъин гардид. Ба ҳамин монанд, ҶДММ «Азизҷони - Ш» (роҳбараш) Азиз Сайфиддинов ҳангоми фурӯши сӯзишворӣ аз Дафтари бақайдгирӣ ва мошини назоратӣ - хазинавӣ истифода намекард. Аз ин хотир, нисбаташ тибқи талаботи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкуии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2000 сомонӣ ҷарима таъин гардид. ҶДММ «Ҳоҷӣ - Асомиддин» низ аз ҷониби қабил нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ аст. Ҷамъият ҳангоми фаъолият аз МНХ- и дорои ТИЭ истифода накарда, дар натиҷаи санҷиш аз тарафи кормандони мақомоти андози ноҳияи Восеъ бо моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2000 сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шуд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

## РУШДИ СОҲИБКОРӢ

# Дастрасӣ ба маблағҳо

**Корхонаҳои хурду миёна (КХМ) дар саросари Тоҷикистон ба маблағ дастрасии бештар пайдо мекунанд. Маблағгузорӣ ҳам барои бонкҳо ва ҳам барои КХМ сабуктар, камхавф ва камхароҷот хоҳад шуд, ки он дар навбати худ барои беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар кишвар мусоидат хоҳад намуд. Феҳристи муосири ухдадориҳои гаравӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Гурӯҳи Бонки умумиҷаҳонӣ ба кор андохта шуд, ба амалисозии як қатор тадбирҳои сиёсӣ ҷиҳати васеъ гардонидании дастрасӣ ба маблағ барои КХМ мусоидат мекунад. Дар ин бора ба АМИТ «Ховар» ҳамоҳангсози Гурӯҳи Бонки умумиҷаҳонӣ дар Тоҷикистон Нигина Алиева хабар дод.**

Феҳристи ухдадориҳои гаравӣ махзани маълумотест, ки ба ҳамагон дар шабакаи Интернет дастрас мебошад ва он ба муассисаҳои молиявӣ барои бақайдгирии чунин амвол, ба монанди чорво, мошинолот ва воситаҳои нақлиёт имкон фароҳам меорад ва истифодаи гаравҳои манқулро барои гирифтани қарз осон мегардонад. Қонунҳои муосир дар бораи муомилоти таъминшуда ва Феҳристи ухдадориҳои гаравӣ ба рушди иқтисодиёт ва имкониятҳои пешрафт таъсири назаррас хоҳанд расонид.

«Мусоидат дар рушди қобилияти пешниҳоди дороиҳои манқул аз ҷониби ширкатҳо ба сифати таъмини гарав ва бонкҳо дар таъмини риояи шартномаҳои дахлдори қарзӣ хавфҳоро барои ҳарду тарафи шартнома кам мекунад», — зикр намуд Намояндаи доимии Бонки умумиҷаҳонӣ дар Тоҷикистон Ян-Петер Олтерс. — Ислоҳоти мазкур унсури муҳимтарин дар вусъатдиҳии дастрасӣ ба маблағ ва камшавии хароҷот барои КХМ ва бо ин восита ҷонок намудани талошҳо баҳри мусоидат ба ҷалби сармоягузориҳо, навоварӣ ва шуғли аҳолӣ махсуб меёбад.

Бо созмондиҳии Феҳристи ухдадориҳои гаравӣ бо мақсади бунёди заминаи зарурӣ барои низоми муосири муомилоти таъминшуда ба қарибӣ нуҳ қонуни дигар қабул гардид. Бо истифодаи «равиши функсионалӣ» нисбати муомилоти таъминшуда, Тоҷикистон як низоми мукаммалро барои созмондиҳӣ, мукаммалсозӣ, нашр ва риояи ҳуқуқҳои таъминотӣ дар заминаи принсипҳои Комиссияи СММ оид ба ҳуқуқи тиҷорати байналмилалӣ (UNCITRAL) таъмин мекунад.

Тибқи тадқиқоти аз ҷониби Гурӯҳи Бонки умумиҷаҳонӣ гузаронидашуда, ислоҳоти муомилот ба афзоиши имкониятҳои нави қарзгирӣ дар Тоҷикистон мусоидат мекунад. Айни замон, қариб 70% дороиҳои корхонаҳо дар шакли амволи манқул, яъне дар шакли дороиҳои ғайр аз замин ва амволи ғайриманқул, қарор доранд.

Гурӯҳи Бонки умумиҷаҳонӣ созмондиҳии феҳристро маблағгузорӣ намуда, дар Тоҷикистон ба татбиқи ислоҳот тавассути Лоиҳаи Бонки умумиҷаҳонӣ оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии бахши хусусӣ ва Лоиҳаи таҳкими инфрасохтори молиявӣ дар Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон, ки аз ҷониби Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ бо дастгирии Ҳукумати Швейтсария татбиқ мегардад, кӯмак расонид.

Дар давоми омодасозии феҳрист Гурӯҳи Бонки умумиҷаҳонӣ бо Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Бонки миллии Тоҷикистон ҳамкории зич ба роҳ монда, дар марҳалаи ҷорисозии он бо мақсади таъмини истифодаи васеи феҳрист ва дастгирии бонкҳо ва КХМ дар коҳишдиҳии хавфҳои (бардоштҳо) алоқаманд бо пешниҳоди дархост барои қарзҳои нав ҳамкориро идома медиҳад.

# Дастурҳои Паём дар амал

Имрӯзҳо кормандони мақомоти андози кишварамон дар татбиқи амалии дастуру супоришҳои паёмии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри соли 2018 саҳми муносиб мегузоранд. Бо ин мақсад, аз санаи 12-ум то 16-уми феврали соли равон дар нозироти андози ҳама шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд семинар-машварат ва вохӯриҳо баргузор шуданд. Ин тадбирҳо, ҳамзамон, дар заминаи иҷрои супориши роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бобати дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани маъмурикунонии андоз ва тибқи Стандартҳои ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон амалӣ мешаванд. Дар семинар-машварат шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродии бо патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда ва масъулони хоҷагиҳои деҳқонӣ иштирок намуданд. Намояндагони масъул ва мутахассисони Раёсати андози вилояти Суғд Обиди Муҳаммадсаид, Холис Исломиддинов, Ҷамолиддин Пириев, Шамсиддин Раҳимов ва чанде дигар дар ҷараёни баргузории ин семинар-машварат ба доираи васеи андозсупорандагон дар навбати аввал оид ба муҳтавои Паёми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот доданд.

Бо дарназардошти ташвишовар будани мавҷудияти бақияи зиёди қарзи андоз дар ҷараёни семинар-машварат ин масъала мавриди баррасии ҷиддӣ қарор гирифт. Зимнан, тадбирҳо ва нақшаҳои минбаъдаи мақомоти андози вилоят дар самти пешгирӣ намудани афзоиши қарзи андоз ва чораҳои маҷбуран ситонидани он баён гардиданд. Дар навбати худ андозсупорандагон вобаста ба масъалаҳои муҳокимашуда ба саволҳои худ посух гирифтанд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА**
**вилояти Суғд**

**НИШАСТИ МАТБУОТӢ**

# Чаро бақияпулиҳои қарзи андоз дар ҳоли афзоиш аст?

**- Соли 2018 дар ноҳияи Восеъ бе дарназардошти андози иҷтимоӣ нақашаи ҳама гуна андозҳо ба андозаи 100,1 фоиз таъмин гардида, ба буҷети давлатӣ 31 млн. 489 ҳазору 699 сомонӣ ворид шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2 млн. 169,6 ҳазор сомонӣ зиёд аст, - зикр кард Раиси ноҳияи Восеъ Мусо Ғафурзода зимни нишасти матбуотӣ.**

Иттилоъ дода шуд, ки дар ноҳияи Восеъ маблағи бақияи қарзи андоз ба 9 млн. сомонӣ расидааст, ки боиси ташвиш аст. Масъулони ноҳияи Восеъ омилҳои афзоиш ёфтани бақияпулиҳои қарзи андозро ба таври дуруст фаъолият накардани корхонаҳои саноатӣ унвон карданд. Нақшаи пардохти андози иҷтимоӣ дар ноҳия ба андозаи 89,8 фоиз иҷро шуда, ба буҷети давлатӣ 21 млн. 382 ҳазору 265 сомонӣ ворид гардидааст. Мусо Ғафурзода ҳамчунин қайд кард, ки соли 2018 аз ҷониби нозироти андози ноҳия 1435 нафар соҳибкори инфиродӣ бо патент ва 463 соҳибкор бо шаҳодатномаи соҳибкорӣ таъмин гардида, ба андозбандӣ ҷалб шуданд, ки аз ин ҳисоб, ба буҷети давлатӣ 3189 ҳазор сомонӣ маблағ ворид гардидааст. Дар ин давра, 326 нафар соҳибкори тибқи патент фаъолияткунанда, 74 адад шахси ҳуқуқӣ ва 309 адад хоҷагии деҳқонӣ аз нав ба қайд гирифта шуданд. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияи Восеъ дар ин давра ба 89,5 млн. сомонӣ расидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,7 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

**Исломи РАҶАБАЛӢ**

# Шаҳрвандоне, ки аз андози молу мулки ғайриманқул қарздоранд

Мусаллам аст, ки дар амал татбиқ намудани барномаву лоиҳаҳои ҳукуматӣ, сари вақт таъмин намудани маошу нафақаи шаҳрвандон, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум аз сари вақт пардохт намудани андоз ва ғанӣ гардонидани буҷет вобаста мебошад. Гузашта аз ин, устувории иқтисодиёт имконият фароҳам меорад, ки мулк ободу мардум дар фазои сулҳу ваҳдат зиндагии осоиша дошта бошанд. Вале, тавре мебинем, ҳанӯз ҳам нафароне ҳастанд, ки андозҳои муқаррарнамударо сари вақт ба буҷети мамлакат пардохт намекунанд. Онҳо дар бисёр ҳолат аз супоридани андозҳо сарпечӣ мекунанд ё онҳоро пинҳон медоранд. Аз каммасъулиятии баъзеи онҳо ноустувории пулию молӣ дар соҳаҳо ба миён меояд. Аз ин лиҳоз, яке аз мушкилоти ҳалталаб ва масъалаҳои ташвишовар дар фаъолияти мақомоти андоз афзоиши қарзи андозҳо ба шумор меравад.

Бинобар ин, дуруст мебуд, ки шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо ҳисси баланди ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ масъулияти худро дар назди давлат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ пурра эҳсос карда, дар ҳамкорӣ бо мақомоти андоз уҳдадориҳои худро вобаста ба пардохти андозҳо иҷро намоянд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

**РӮЙХАТИ СОҲИБМУЛКОНЕ, КИ ДАР НАЗДИ БУҶЕТ БА ҲОЛАТИ 01.01.2019 АЗ АНДОЗИ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ ҚАРЗДОР МЕБОШАНД**

| № | Ном ва насаби соҳибмулк | Суроғаи ҷойгиршавии объекти молу мулки ғайриманқул | Маблағи қарз (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| | **СОҲИБМУЛКОНИ ШАҲРИ РОҒУН** | | |
| 1 | Исмоналӣ Назаров | кӯчаи Норакиён | 992 |
| 2 | Убайдулло Достиев | кӯчаи Майдони нав | 724 |
| 3 | Абдулмаҷид Гадоев | кӯчаи Сохтмончиён | 50 |
| 4 | Салават Давлатов | кӯчаи Сохтмончиён | 1098 |
| 5 | Ҳадар Шоев | кӯчаи Норакиён | 352 |
| 6 | Беҳруз Шарипов | кӯчаи Сохтмончиён | 558 |
| 7 | Раҳматуло Зайдов | кӯчаи Олим Каримов | 572 |
| 8 | Гулхумор Яқубова | кӯчаи Мирзо | 710 |
| 9 | Муртазо Дустов | кӯчаи Қурбон | 572 |
| 10 | Разоқ Умаров | кӯчаи Норакиён | 751 |
| | **СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ САНГВОР** | | |
| 1 | Адуҳанон Худоиев | деҳаи Лангар | 507 |
| 2 | Қодир Акмалов | деҳаи Саридашт | 717 |
| 3 | Пирумшо Ҳандалаев | деҳаи Ёзганд | 351 |
| 4 | Давлат Раҳимов | деҳаи Сариҷангал | 372 |
| 5 | Ҳасан Ҷурабеков | деҳаи Чилдара | 782 |
| 6 | Музафар Садри-динов | деҳаи Чилдара | 871 |
| 7 | Мақсуд Мансуров | деҳаи Чилдара | 596 |
| 8 | Рустам Амиров | деҳаи Чилдара | 559 |
| 9 | Холиқ Гирдаков | деҳаи Миёнаду | 837 |
| 10 | Авсамад Саидна-заров | деҳаи Дараи хайрон | 510 |
| | **СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ НУРОБОД** | | |
| 1 | Собир Ҳоҷиев | шаҳраки Дарбанд | 4737 |
| 2 | Қурбонгул Муло-чаева | шаҳраки Дарбанд | 2494 |
| 3 | Абдулваҳоб Раҳимов | шаҳраки Дарбанд | 845 |
| 4 | Мустафо Сониев | деҳаи Сари-Қош | 1341 |
| 5 | Комил Раҷабов | деҳаи Сияҳоб | 2265 |
| 6 | Латиф Шарипов | деҳаи Турмуш | 1371 |
| 7 | Аюб Ҳафизов | шаҳраки Дарбанд | 2850 |
| 8 | Додихудо Қандов | деҳаи Хумдон | 1643 |
| 9 | Садридин Муминов | деҳаи Хумдон | 1495 |
| | **СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ ТОҶИКОБОД** | | |
| 1 | Убайдулло Ибодов | деҳаи. Полезак | 883 |
| 2 | Ҳоҷимурод Ғафуров | деҳаи Полезак | 238 |
| 3 | Тақдиршоҳ Бурҳонов | деҳаи Полезак | 439 |
| 4 | Қурбон Алимов | деҳаи Фатҳобод | 185 |
| 5 | Хуҷамурод Самиев | деҳаи Фатҳобод | 224 |
| 6 | Сайдризвон Бурҳонов | деҳаи Миразиён | 499 |
| 7 | Аҳлиддин Муродов | деҳаи Миразиён | 511 |
| 8 | Раҳим Собиров | деҳаи Миразиён | 435 |
| 9 | Маҳмадсодиқ Со-биров | деҳаи Капали | 524 |
| 10 | Сайдҷалол Сайдраҳмонов | деҳаи Капали | 529 |
| | **СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ ЛАХШ** | | |
| 1 | Абдулмаҷид Хуша-нов | деҳаи Кашкатерак | 1027 |
| 2 | Рустам Ченалиев | деҳаи Долоно | 150 |
| 3 | Аваз Манасов | деҳаи Долоно | 355 |
| 4 | Нозим Шарипов | деҳаи Долоно | 180 |
| 5 | Пирмаҳмад Маҳмадёров | деҳаи Сугат | 263 |
| 6 | Ахун Ченалиев | деҳаи Долоно | 200 |
| 7 | Зулфия Сайфиди-нова | деҳаи Долоно | 136 |
| 8 | Байдила Суюндуков | деҳаи Долоно | 148 |
| 9 | Абдулфато Шоланга-ров | деҳаи Калтабулоқ | 180 |

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# ОЭСР хочет обложить технологические компании новыми цифровыми налогами

## Годами такие компании аккумулировали прибыль в юрисдикциях с низкими налогами на иностранный капитал

Власти десятков стран хотят обложить технологические корпорации новыми цифровыми налогами. Однако односторонние действия могут привести к двойному налогообложению, сообщил в ОЭСР. Проблема была поднята еще в 2015 г. и стала частью плана G20 по противодействию размыванию налогооблагаемой базы. На минувшей неделе ОЭСР представила документ, в котором рассматривает три варианта ее решения. До 1 марта 2019 г. организация проводит публичные консультации по этим предложениям, в июне собирается разработать рекомендации и прийти к соглашению к концу 2020 г., пишет газета «Ведомости».

Цифровая трансформация экономики позволяет технологическим компаниям предлагать продукцию и услуги в государствах, где они не присутствуют, экономя на налогах. Годами такие компании, как Apple и Facebook, аккумулировали прибыль в юрисдикциях с низкими налогами на иностранный капитал, например Ирландии или Нидерландах.

По сведениям Национального бюро экономических исследований США, в 2015 г. транснациональные компании перевели $600 млрд, или около 40% своей прибыли, в налоговые гавани. При этом $100 млрд досталось одной только Ирландии.

**http://taxpravo.ru/international**

# Налоговая система Республики Таджикистан – наглядно

**В соответствии с законодательством Республики Таджикистан на Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан возложено применения налоговой политики, налогового администрирования и государственная регистрация юридических и индивидуальных предпринимателей.**

**В соответствии со ст. 6 Закона Республики Таджикистан «О государственной защите и поддержке предпринимательства в Республике Таджикистан» от 26 июля 2014 года, №1107 государственная регистрация субъекта предпринимательства осуществляется в порядке, установленном Законом Республики Таджикистан «О государственной регистрации юридических лиц и индивидуальных предпринимателей». Согласно Закона Республики Таджикистан «О государственной регистрации юридических лиц и индивидуальных предпринимателей» от 19 мая 2009 года №508 государственная регистрация предпринимательской деятельности осуществляется со стороны налоговых органов по принципу «Единого окна».**

**Необходимо заметить, что государственная регистрация обеспечивает государственную защиту, поддержку и обеспечивает государственную гарантию деятельности субъектов предпринимательства в Республике Таджикистан.**

Государственная поддержка предпринимательства осуществляется в правовых, организационных, имущественных, финансовых, информационных и других формах и основывается на улучшении условий предпринимательства следующих систем:

- регистрация предпринимательства;
- налогообложение;
- лицензирование и дача разрешения;
- проверка деятельности субъектов предпринимательства;
- регистрация имущества;
- отчётность;
- антимонопольное регулирование;
- упрощение импортных и экспортных операций с учетом международных правовых актов, признанных Таджикистаном;
- кредитование;
- мораторий на проверку деятельности субъектов предпринимательства.

В настоящее время срок регистрация юридических лиц, филиалов и представительств иностранных юридических лиц определено до 5 дней, и для регистрация индивидуальных предпринимателей до 3 дней электронным способом представления соответствующих документов.

Государственная поддержка предпринимательства осуществляется также в системе налогообложения.

Прежде всего необходимо отметить, что в соответствии со статей 6 Налогового кодекса в Республике Таджикистан установлен 10 видов налогов, в том числе 8 общегосударственных налогов. В частности,

- подоходный налог 13%, для нерезидентов 25%;
- налог на прибыль 13% для деятельности по производству товаров и 23% для других видов деятельности;
- налог на добавленную стоимость 10% для ввоза пшеницы и стандартная ставка 18% для ввоза товаров и поставки товаров, работ и услуг;
- 0% экспорт;
- акцизы: 1) для услуг сфери элекронной связи ставка 5%; 2) для других определенных ввозимых и производимых товаров ставки определены в соответствии с постановлением Правительства Республики Таджикистан от 06.06.2018 года, №302;
- социальный налог ставка 25% для страховщиков и 1% для застрахованных лиц;
- налоги за природные ресурсы (ставки бонусов и роялти зависят от вида полезного ископаемого);
- налог с пользователей автомобильных дорог 0,25% для торговой, заготовительной, снабженческо-сбытовой деятельности и в размере 1% для иной деятельности;
- налог с продаж алюминия первичного 3%

К местным налогам относятся:

- налог на транспортные средства (налоговые ставки устанавливаются для транспортных средств в расчете на 1 лошадиную силу мощности двигателя;
- налоги за недвижимое имущество, включает в себя земельный налог (ставки налога с одного гектара земли в разрезе областей и городов (районов) с учетом кадастровых зон и видов угодий) и налог на объекты недвижимости (ставка определяется, в зависимости от занимаемой объектом недвижимости площади и целей его использования, в процентах от показателя для расчетов с регулирующими региональными коэффициентами в разрезе городов и районов).

Между с тем, в целях поддержки развития малого предпринимательства после государственной регистрации в соответствии с требованиям Налогового кодекса Республики Таджикистан юридические лица и индивидуальные предприниматели действующие на основе свидетельства осуществляют свою деятельность в упрощенном режиме налогообложения для субъектов малого предпринимательства.

Упрощенный режим налогообложения для субъектов малого предпринимательства (далее – налог по упрощенному режиму) представляет собой специальный налоговый режим, в соответствии с которым субъектами малого предпринимательства налог на прибыль для юридических лиц или подоходный налог для индивидуальных предпринимателей уплачивается в упрощенном порядке.

Субъектами малого предпринимательства, валовый доход которых, исчисляемый по кассовому методу, не превышает 12 полных последовательно (друг за другом) следующих календарных месяцев, непревысил порог один миллион сомони, используется налог по упрощенному режиму. Ставка налога по упрощенному режиму для деятельности по производству товаров составляет 5% и для иных видов деятельности 6%. Налоговым периодом для данного режима признается квартал.

Более того, в целях дальнейшей поддержки развития малого предпринимательства в Налоговый кодекс были внесены следующее изменения:

- первая плановая документальная проверка деятельности субъекта малого предпринимательства, уплачивающего налог по упрощенной системе, может быть проведена только по истечении 36 полных календарных месяцев со дня его государственной регистрации;
- запрещается проведение камерального контроля в период проведенных комплексных и тематических проверок, повторное проведение камерального контроля, а также проведение камерального контроля более одного раза за шесть календарных месяцев, за исключением камерального контроля, проводимого в соответствии с письменным поручением первого руководителя уполномоченного государственного органа. (часть 2 статьи 37 НК РТ);
- с 01.01.2018 года проценты начисляются в размере 0,05 процента от суммы налоговой задолженности за каждый календарный день недоплаты или переплаты (часть 9 статьи 73 НК РТ). До этого размер составлял 0,08 процентов.
- акты и решения налоговых органов, которые рассчитаны, разработаны и приняты вопреки требованиям данного Кодекса, ограничивающие или запрещающие права и законные интересы налогоплательщиков, не имеют юридической силы (часть 1 статьи 81 НК РТ).

Необходимо заметить, что упрощенный режим налогообложения неприменяется в отношении инвестиционных фондов, профессиональных участников рынка ценных бумаг, страховых и кредитных организаций, микрофинансовых организаций, ломбардов, недропользователей, поставщиков алюминия первичного, производителей подакцизной продукции, посреднических организаций (действующих на основании договоров комиссии, поручения и других посреднических договоров).

Как только валовый доход субъектов малого предпринимательства, исчисляемый по кассовому методу, доход которого за предшествующий период, не превышает 12 полных последовательно (друг за другом) следующих календарных месяцев, превысил порог один миллион сомони, в срок не позднее более 30 календарных дней, обязано перейти на налогообложение по общему налоговому режиму и подать в налоговый орган по месту своего учета заявление на регистрацию для целей налога на добавленную стоимость одновременно с подачей заявления о переходе на общий налоговый режим.

При общем налоговом режиме субъекты предпринимательства уплачивают налог на прибыль, налог на добавленную стоимость и налог пользователей автомобильных дорог. Между тем, юридическое лицо занимающийся деятельностью добывающей отрасли также уплачивает налог с недропользователей.

Как отмечалось выше, ставка налога на прибыль составляет 23% от налогооблагаемой прибыли, но не менее 1 процента валового дохода (13% но не менее 1 процента валового дохода для деятельности по производству товаров).

Тем временем, налоговым периодом по налогу на прибыль является календарный год. Налогоплательщики должны подать налоговую декларацию до 1 апреля каждого года декларируя свою фактическую прибыль за предыдущий календарный год и подлежащий к оплате налог на прибыль.

Налог на прибыль за текущий период в 12 месяцев, начинающийся каждого 1 апреля, рассчитывается на основании фактического налога на прибыль в самой последней декларации, умноженной одной двенадцатой (одной четвертой) части суммы налога на прибыль за предыдущий календарный год. Это предварительная оценка налога на прибыль за текущий год, до того, как фактическая годовая прибыль будет известна и задекларирована, а также рассчитан налог. При подаче декларации по налогу на прибыль, окончательное урегулирование любого непогашенного налога на прибыль должно быть проведено к 10 апреля. Если были проведены избыточные текущие платежи, налогоплательщику в установленном порядке будет зачислена эта сумма на налоговый счет, или же возмещена.

Общий налоговый режим предусматривает также налоговые льготы. В частности:

- согласно статьи 110 Налогового кодекса новые предприятия по производству товаров при внесении их учредителями в уставный фонд таких предприятий в течение 12 календарных месяцев объем инвестиций от 500 тысяч до 5 млн. долларов освобождаются от уплаты налогов на прибыль с даты первоначальной государственной регистрации сроком от 2 до 5 лет;
- доходы от туристической деятельности освобождаются от уплаты налога на прибыль сроком на 5 лет с даты государственной регистрации;
- ввоз нижеследующих товаров освобождаются от уплаты налога на добавленную стоимость:

➢ ввоз оборудования, техники и строительных материалов для туристических объектов (в том числе гостиниц, лечебных санаторий и курортов, туристических центров и других туристических объектов).

➢ ввоз, в том числе на условиях финансовой аренды (лизинга), производственно-технологического оборудования и комплектующих изделий к нему для формирования или пополнения уставного фонда (капитала) предприятия или технического перевооружения действующего производства, при условии, что это имущество используется непосредственно для производства товаров, выполнения работ и оказания услуг в соответствии с учредительными документами предприятия и не относится к категории подакцизных товаров;

➢ ввоз сырья (фурнитуры) для производства школьной одежды для швейных фабрик, перечень которых утверждается Правительством Республики Таджикистан;

➢ ввоз техники сельскохозяйственного назначения, перечень которых утверждается Правительством Республики Таджикистан;

➢ ввоз материалов и предметов для производства медикаментов, перечень которых утверждается Правительством Республики Таджикистан;

➢ ввоз новейших технологий для фармацевтических предприятий и современного оборудования диагностики и лечения;

➢ ввоз технологий, оборудований и материалов для обеспечения потребностей сферы птицеводства и (или) при ввозе товаров непосредственно для собственных нужд птицеводческих предприятий и предприятий по производству комбинированных кормов для птиц и животных

➢ ввоз и дальнейшая поставка новых автомашин (дата выпуска которых не превышает 1 (один) год, с пробегом до 10 (десяти) тысяч километров) с товарной номенклатурой 8702, 8703, 8704 и 8705 освобождаются от уплаты 50 процентов налога на добавленную стоимость.

# Оё фаъолияти кабинетҳои адвокатӣ андозбандӣ мегарданд?



**Бо ҳамин суол ба идораи рӯзномаи “Боҷу хироҷ” хонандагони рӯзнома муроҷиат карданд. Мо низ дар навбати худ барои ҷавоб пайдо кардан ба матлаби хонандагони рӯзнома ба мутахассиси Раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Назирҷон Зоиров муроҷиат кардем. Мавсуф гуфт:**

- Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дуруст ба танзим даровардани андозбандии фаъолияти кабинети адвокатӣ (шахси воқеӣ) ва беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ба мақомоти ҳудудии андоз мактуби тавзеҳотӣ аз 5 сентябри соли 2016, таҳти №9956/9.1 ирсол намудааст, ки шарҳдиҳандаи андозбандии фаъолияти кабинетҳои адвокатӣ ба ҳисоб меравад.

Тибқи дастури зикргардида, асос барои бақайдгирии давлатии кабинети адвокатӣ шаҳодатноме мебошад, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ба адвокат (шахси воқеӣ) аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст. Дар чунин сурат бақайдгирии давлатии фаъолияти кабинети адвокатӣ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ба анҷом расонида намешавад.

Мутобиқи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» фаъолияти адвокатӣ фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб намеравад ва мутобиқи моддаи 1 Қонуни мазкур ҳаққи хизмати адвокат- ҳаққи хизмат барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ, ки адвокат дар асоси созишнома ба ваколатдиҳанда мерасонад, ба ҳисоб меравад.

Бо дарназардошти муқаррароти қисми 3 моддаи 8 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ амалӣ кардани фаъолияти бо подош, аз ҷумла расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва вобаста ба ин, ба даст овардани ҳаққи хизмат, ки фаъолияти асосии чунин шахсон мебошад, барои мақсадҳои андозбандӣ фаъолияти соҳибкорӣ ҳисоб мешавад. Гарчанде мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» фаъолияти кабинети адвокатӣ фаъолияти соҳибкорӣ ҳисоб намешавад, вале барои мақсадҳои андозбандӣ фаъолияти соҳибкорӣ эътироф мегардад ва бо тартиби муқарарнамудаи боби 43 ва қисми 2 моддаи 216 Кодекси андоз чун соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома амалкунанда андозбандӣ мешавад.

- Аз ин лиҳоз, - мегӯяд Назирҷон Зоиров, - адвокатҳо, ки фаъолияти адвокатии худро дар шакли кабинети адвокатӣ ба роҳ мондаанд, супорандаи андози низоми содакардашуда ба ҳисоб рафта, андози мазкурро аз даромади умумии бо усули кассавӣ бадастоварда бо меъёри 6 фоиз ва андози иҷтимоиро ба сифати шахсони суғурташуда аз 1,0 фоизи манбаи андоз, вале на камтар аз андозаи ҳадди баландтарини (бо дарназардошти коэффитсиенти минтақавии) андози иҷтимоӣ барои соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда муқарраршуда, новобаста ба даромади гирифташуда, ҳисоб ва пардохт менамоянд.

Тибқи талаботи моддаи 295 Кодекси андоз давраи андоз барои андози низоми содакардашуда ҳар семоҳа ба ҳисоб меравад ва андози мазкур ҳамчун ҳосили зарби манбаи андози дахлдор ба меъёри андоз ҳисоб ва дар маҳалли баҳисобгирии андозсупоранда (адвокат) ба буҷети маҳаллӣ пардохт шуда, эъломияи андоз бо шакли тасдиқнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷиакистон ҳар семоҳа на дертар аз санаи 10-уми моҳе, ки баъд аз давраи андоз фаро мерасад, пешниҳод мешавад.

Бо мақсадҳои таъмини назорати андоз адвокатҳоро зарур аст, ки тибқи талаботи моддаи 25 Кодекси андоз дар асоси шаҳодатномаи аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасшуда ва РМА- и шахси воқеӣ, дар мақомоти андоз ба баҳисобгирӣ (қайди андозӣ) гузоранд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

**Бо мақсади ба аҳолӣ расонидани нуктаҳои Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳайати кории Раёсати андози шаҳри Душанбе бо роҳбарият ва соҳибкорони инфиродии ҶДММ «Бозори Корвон плюс»-и шаҳри Душанбе семинар – машварат баргузор кард.**

# Тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ



**Нахуст, сардори шуъбаи хизматрасонии Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Илҳом Муродҳусейнов баромад намуда, қайд кард, ки Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар ҳақиқат, барои ҳамаи мо як барномаи амал аст.**

Тавре дар Паём қайд шудааст, ҳоло таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастраси аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул ҳамчун ҳадафҳои стратегӣ интихоб шуда, нақши гузариши иқтисодиёти кишвар аз шакли аграрӣ – индустриалӣ ба шакли индустриалӣ – аграрӣ амалӣ гардида истодааст.

Аз ин бармеояд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри зиндагии шоистаи халқ талошҳои зиёд дорад, пас моро низ мебояд дар иҷрои уҳдадориҳои худ масъулият дошта бошем. Уҳдадориҳои мову шумо дар назди давлат пардохти андозҳо мебошад, ки он бевосита ба буҷети давлат равона мегардад.

Сардори Раёсати бақайдгирии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аваз Довудов аз хусуси риояи тартиби бақайдгирии давлатии соҳибкорони ифиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ сухан ронда, гуфт, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2013, таҳти №493 қоидаҳои гузаронидани бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба роҳ монда шудааст ва андозсупорандагон метавонанд тариқи электронӣ аз бақайдгирии давлатӣ гузаранд ва ҳам ба нозироти андози маҳалли зисти худ ҳозир шуда, ин амалиётро анҷом диҳанд.

Сипас, сармутахассиси гурӯҳи тавзеҳот ва хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Ҷамолиддин Зокирзода баромад намуд. Ӯ қайд кард, ки на ҳамаи андозсупорандагон аз бақайдгирии давлатӣ бархурдор мебошанд. Соҳибкороне, ки бо патент фаъолият мекунанд, дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи соли 2017 бояд барои бақайдгирии давлатӣ, дар баробари ариза, расиди бонкӣ, нусхаи шаҳодатномаи шахсӣ, РМА-ро пешниҳод намоянд. Таъкид шуд, ки бе бақайдгирии давлатӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан дар асоси моддаҳои 603, 603/1 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон андозсупоранда ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Баъдан, сармутахассиси шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадӣ Ниёзов дар мавриди пешниҳоди дурусти эъломияҳо ва пардохти андозҳо ҳарф зад. Мавсуф аз ҷумла гуфт, ки аз оғози моҳи майи соли 2018-ум Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тадбирҳои вусъат додани кортҳои пардохтии бонкӣ», ки аз 31 декбри соли 2014, таҳти рақами 815 қабул гардидааст, хизматрасонии эквайренгӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Вобаста ба ин, шахсони воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ имкон доранд тавассути кортҳои пардохтӣ маблағҳои андозҳоро дар шакли ғайринақдӣ ба буҷет пардохт намоянд. Ин навъи хизматрасонӣ барои пайдо нагаштани ҳолатҳои нигаронкунанда заминаи хуб буда метавонад. Инчунин, андозсупоранда метавонад вақти худро сарфа намояд.

Мақомоти андоз ҷиҳати беҳтар сохтани фазои хизматрасониҳо ба андозсупорандагон тадбирҳои зарурӣ меандешад. Аз моҳи апрели соли 2017 рақами иловагии содакардашудаи телефонии 152 мавриди истифода қарор гирифтааст, ки тавассути он шаҳрвандон ва субъектҳои хоҷагидор метавонанд ҳангоми ба расмият даровардани амалҳои нотариалӣ, гирифтани иҷозатномаҳо, иҷозатҳо, сертификати ба кор қабул намудан, ба расмиятдарории амалиёти иқтисодии хориҷӣ ва ғайраҳо доир ба рақами мушаххаси андозсупории худ ба тариқи фаврӣ маълумот гиранд.

Дар идомаи семинар - машварат Ҷамолиддин Зокирзода иброз намуд, ки ҷиҳати тақвият додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва бо тартиби муосир ба роҳ мондани саволу ҷавоб бо шаҳрвандон ва андозсупорандагон дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2017, №507 «Тартиби пешниҳоди машварат дар низоми вақти мустақим (онлайн) бо истифодаи «Чат» дар Кумитаи андоз» роҳандозӣ гардидааст. Дар баробари ин, дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагон ба мақсади ду камтар намудани омилҳои номатлуб дар рафти хизматрасониҳо аз соли 2017 «Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон» дар таҳрири нав қабул гардидааст. Ин ҳама ба хотири беҳтар гардонидани хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон роҳандозӣ шудааст.

Ҳамзамон, қайд шуд, ки дар фаъолияти соҳибкорон истифода кардани мошини назоратӣ - хазинавии дорои хотираи фискалӣ ҳатмӣ мебошад. Ин амал дуруст ва пурра нишон додани даромадҳо, иҷрои талаботи моддаи 38-39 Кодекси андоз ва инчунин, маданияти хизматрасонӣ ба мизоҷонро нишон медиҳад. Таъкид гардид, ки барои истифода накардани МНХ соҳибкор дар асоси моддаи 614-615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

**Дар охир намояндагони мақомоти андоз ба саволҳои иштирокчиёни семинар-машварат ҷавобҳои қонеъкунанда додаанд.**

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

# Афзалиятҳои пардохти ғайринақдӣ

## Дар соли 2019 чӣ қадар POS-терминали электронӣ насб хоҳад шуд?

**Имрӯзҳо мақомоти андози кишвар дар якҷоягӣ бо ниҳодҳои масъул кӯшиш намуда истодаанд, ки давра ба давра дар тамоми марказҳои савдою хизматрасонӣ POS-терминалҳои электронӣ насб кунанд, то шаҳрвандон тавонанд ҳангоми хариди мол ё хизматрасонӣ озодона аз ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ истифода намоянд. Яъне шаҳрвандон ҳангоми хариди молу маҳсулот бе истифодаи пули нақд бо кортҳои пардохтии бонкӣ муомилот анҷом дода тавонанд.**



Яке аз афзалиятҳои пардохтҳои ғайринақдӣ ин осонии истифодаи онҳо буда, зарурати бо худ ҳамроҳ гирифтани маблағи калон нест. Ҳамзамон, ҳамеша имкони пардохтани нархи моли харидашуда дар дохил ва хориҷи мамлакат вуҷуд дорад. Барои дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ шарт нест, ки ҳатман аз банкомат пули нақд гиранд, балки кифоя аст, ки дар мағоза, барои хизматрасонии коммуналӣ ё мобилӣ ба ғайра пардохтро тариқи ғайринақдӣ анҷом диҳанд.

Тибқи талаботи банди 9 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохти бонкӣ» аз 31.12.2014, №815 назорати истифода ва насби терминалҳои электронӣ ба зиммаи мақомоти андоз вогузор шудааст. Мутобиқи қарори мазкур, пеш аз ҳама, насб намудани POS-терминалҳои электронӣ дар нуқтаҳои калони савдо ва хизматрасонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Тибқи иттилои сардори шуъбаи Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Давлатзода мақомоти андози кишвар мутобиқи нақшаи тасдиқшуда бояд дар соли 2019 дар марказҳои савдо ва хизматрасонӣ 4500 POS-терминали электрониро насб ва мавриди истифода қарор диҳанд.

Ба иттилои ӯ, тибқи Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба нақшаи таъмини POS-терминалҳои элетронӣ барои соли 2019» аз 14-уми январи соли 2019 таҳти №12 нозиротҳои андоз дар шаҳри Душанбе вазифадор гардидаанд, ки дар фаъолияти андозсупорандагон 2274 адад POS-терминали электронӣ, ВМКБ 72 адад, вилояти Суғд 1290 адад, вилояти Хатлон 540 адад ва нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 324 адад POS-терминали электронӣ насб намоянд.

Гуфта мешавад, ки барои вусъат додани хисоббаробаркунии ғайринақдӣ ҳайати муштараки кории намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст, ки онҳо дар якҷоягӣ барои насбу мавриди истифода қарор додани POS-терминалҳои электронӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ мегузаронанд.

Бо роҳбарон ва кормандони муассисаҳои савдо ва хизматрасоние, ки бо POS- терминалҳои электронӣ муҷаҳҳаз набуданд, оид ба зарурат ва афзалиятҳои истифодабарии POS-терминалҳои электронӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуд.

Ёдрас мешавем, ки барои истифода накардани POS-терминалҳои электронӣ ё саркашӣ намудан аз насби POS-терминалҳо дар асоси моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаримаи маъмурӣ пешбинӣ шудааст.

М. Давлатзода сабаби асосии истифода нашудани POS-терминалҳои электрониро аз ҷониби андозсупорандагон ин огоҳии комил надоштан аз афзалиятҳои ин хизматрасонӣ маънидод намуд.

Яке аз афзалиятҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ин ҳангоми дуруст истифода кардани тарзи нисбатан бехатари пардохти мол ё хизматрасонӣ мебошад. Дар сурати гум шудани (duздӣ, гумшавӣ, нобудсозӣ) ҳамён, пули нақдро яқинан баргардонидан номумкин аст, дар ҳоле ки маблағҳои дар суратҳисоби корти пардохтии бонкӣ ё дар ҳамёни электронибударо зуд банд кардан мумкин аст.

Инчунин, вақте ки шахс маълумотро дар бораи маблағҳои сарфкарда таҳлил мекунад, метавонад буҷети худро беҳтар намуда, хароҷотро пешакӣ ба нақша гирад. Масалан, тариқи СМС – паёмак (огоҳинома) метавонад ба осонӣ дар бораи маблағи суратҳисобаш маълумот гирад. Ин дар навбати худ кӯмак менамояд, ки бошуурона хароҷоти барзиёдро маҳдуд карда, баръакс, маблағҳоашро пасандоз ва афзун намояд.

Афзалиятҳои дигари ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ он аст, ки маълумот дар бораи ҳамаи маблағҳое, ки барои молу хизматрасонии гуногун харҷ мегардад, дар воситаҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ маҳфуз дошта мешавад.

POS-терминалҳои электронӣ дар марказҳои савдо ва хизматрасонӣ дар асоси шартнома аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ насб гашта, барои насб намудани он соҳибкорон бояд ба ташкилотҳои қарзие, ки бароиш ва хизматрасонии кортҳои пардохти бонкиро анҷом медиҳанд, муроҷиат намоянд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки афзоиши пардохтҳои ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтӣ ва истифодаи оммавии онҳо ҷангоми ҳисоббаробаркунӣ шаффофияти ҷараёнҳои молиявиро таъмин намуда, ба афзудани воридшавии андозҳо мусоидат мекунад ва яке аз омилҳои асосии рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

# Самти муҳим

**Корҳои назоратӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти кормандони мақомоти андоз буда, бо мақсади пешгирӣ намудани қонунвайронкуниҳои андозсупорандагон ва инчунин, ошкор намудани маблағҳои пинҳоншуда ба роҳ монда мешавад.**

Мувофиқи маълумоти дастрасгардида соли 2018 аз тарафи кормандони Нозироти андози ноҳияи Балҷувон дар фаъолияти 49 андозсупоранда ба маблағи 421 ҳазору 476 сомонӣ назорати камералӣ гузаронида шудааст.

Муовини сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Балҷувон Карим Мусоев қайд кард, ки кормандони нозироти андози ноҳия дар ин давра дар фаъолияти ҶДММ «Сохтмонроҳ 2017» ба маблағи 80600,0 сомонӣ бо мақсади зиёд нишон додани хароҷоти беасоси андоз аз фоида, ҳамчунин, дар фаъолияти ТТС «Балҷувон» ба маблағи 13200,0 сомонӣ барои кам нишон додани андоз аз суди саҳмияҳо, ҶДММ «Тоир Сохтмон» ба маблағи 18052,0, ҶДММ «Ҳоҷиён» ба маблағи 1487- сомонӣ, ҶДММ «Нивелир 03» ба маблағи 9017 сомонӣ, ҶДММ «Аслиддин» ба маблағи 4120,0 сомонӣ, Ташкилоти ҷамъиятии «Балҷувон» ба маблағи 27000,0 сомонӣ ва ҶДММ «Тоҷ Агро» ба маблағи 268000,0 сомонӣ назорати камералӣ гузарониданд. Мавсуф зикр кард, ки соли равон дар асоси ҳафт амрномаи сардори нозироти андози ноҳия дар фаъолияти 81 андозсупоранда аз ҷумла, 42 шахси ҳуқуқӣ ва 39 нафар соҳибкори инфиродӣ санҷишҳои амалиётӣ гузаронида шуда, дар натиҷа, 97 нафар коргари кироя беқайд ошкор гардид, ки аз ин ҳисоб 20127,0 сомонӣ андоз аз даромад ва 37 ҳазору 971 сомонӣ андози иҷтимоӣ ҳисоб шуд. Санҷишҳои амалиётӣ дар ноҳия ба иҷора додани молу мулкро ба маблағи 2700,0 сомонӣ ошкор намуд.

***Исломи РАҶАБАЛӢ,***
***шаҳри Кӯлоб***

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

## Налог на имущество для бизнесменов предложили изменить в Казахстане

Налог на имущество для бизнесменов предложили изменить в Казахстане, сообщает корреспондент Tengrinews.kz.



Депутаты Сената Парламента просят пересмотреть вопрос налогообложения объектов, используемых в предпринимательской деятельности. В частности, речь идет об исчислении налога на имущество. Причиной они назвали то, что не обеспечивается полнота поступления налогов.

«Существующая модель определения балансовой стоимости объекта для исчисления налога на имущество, в особенности такое, как рестораны, гостиницы, торговые центры и другие развлекательные заведения, не отражает реальной стоимости объекта, что приводит к занижению налогооблагаемой базы, и, соответственно, не обеспечивается полнота реальных поступлений налога на имущество по данным видам объекта, что приводит к значительным потерям местных бюджетов», - отмечает председатель Комитета по финансам и бюджету Сената Ольга Перепечина.

Сенатор Перепечина привела пример: в Алматы, Астане и Шымкенте есть торговые объекты, балансовая стоимость которых за один квадратный метр составляет 4-5 тысяч тенге. По ее словам, при площади пять тысяч квадратных метров балансовая стоимость объекта составляет 20-25 миллионов тенге.

«Аналогичная ситуация с ресторанами. С балансовой стоимостью менее 10 тысяч тенге за квадратный метр при площади 1-3 тысячи квадратных метров общая балансовая стоимость объекта составляет 10-30 миллионов тенге, что также ниже реальной стоимости объекта. Мы предлагаем рассмотреть международный опыт и возможность поэтапного перехода к налогообложению по кадастровой стоимости по определенным субъектам предпринимательства, с учетом возможных рисков.

Сегодня имеются факты, когда некоторые налогоплательщики укрывают реальные доходы с целью занижения налога. В особенности это касается сферы обслуживания и торговли, где расчеты производятся с применением наличных денег. Такое предложение позволит повысить эффективность мер, принимаемых для вывода бизнеса из тени, и увеличит доходы местного бюджета», - заявила Ольга Перепечина.

**Источник: https://tengrinews.kz**

**ҶОМЕА**

# Фитна ва терроризм ду мафҳуми решапайванд

Ҷомеаи имрӯзаи моро равияҳои номатлубе фаро гирифтаанд, ки ба зеҳну андешаи ҷавонон бетаъсир нест. Маълум аст, ки аз хатарноктарин зуҳуроти ҷомеаи муосир ин терроризму экстремизм аст, ки онро вабои аср мехонанд. Дар ҳамин ҳол, барои эмин будан аз ин хатарҳо бояд бо донишу ҷаҳонбинии васеъ мусаллат буд ва аз фитнаву фитнаангезон дурӣ ҷуст. Зеро решаи терроризму экстремизм дар фитна аст.

Фитна дар худ маъноҳои зиёде, ба монанди ошӯб, балво, ситеза, иғворо дошта, фитнаангез касеро гӯянд, ки муҷиби эҷоди фитна мешавад, яъне ошӯбгару вайронкор.

Имрӯз душманони миллати тоҷик, ки асосан, дар хориҷ аз мамлакат паноҳ мебаранд, муқобили давлату Ҳукумат ва мардуми тоҷик аз фитна кор мегиранд ва бо ҳамин роҳ амалҳои номатлуби худро роҳандозӣ карда истодаанд. Ғолибан, дар ин маврид, қабл аз ҳама, доираҳои ҷавонон ҳадаф қарор гирифтаанд, то ба ҷалби ҳарчи бештари онҳо ба доми фиреб гурӯҳҳои табоҳкор тавонанд, ҳадафҳои муғризонаи худро баровarда созанд.

Аз ин рӯ, ҷавонон бояд дарк намоянд, онҳое, ки худро аз берун дилсӯзи давлату миллат эълон кардаву дар асл бо манофеи халқ сари ситез доранд, ба абзори сиёсие табдил шуданд, ки имкон надорад, аз хати кашидаи хоҷагони худ берун шаванд. Тахти тасарруф ё фармони гурӯҳҳои бегона қарор доштани ин худбохтагон ҳеҷ далеле талаб надорад. Зеро ба ҳамагон маълум аст, ки дар хориҷа ошӯб барпо кардану иғво андохтан ва созмону гурӯҳҳое ташкил кардан хароҷоти муайян дорад ва ин хароҷотро ҳатман фармоишгарон пардохт менамоянд.

Дар идомаи таъсиси созмону гурӯҳҳои хасакие, ки ҳамагӣ ба нокомӣ анҷом шуд, бадхоҳони миллати тоҷик рӯи тарҳи дигар андешиданд ва ба он "Паймони миллии Тоҷикистон" ном гузоштанд, ки ба зудӣ аз сӯи неруҳои ақлонии ҷомеа паймони зиддимиллӣ унвон гирифт. Муассисони паймон ҳамон гурӯҳи иғвоангезу фитнаҷӯёне мебошанд, ки ҳадафашон ҳамоно бетағйир боқӣ мондааст, яъне нооpом кардани вазъи дохилӣ ва ба ҳам задани суботи сиёсӣ дар кишвар мебошад.

Бо дарки ин ҳақиқат аҳли ҷомеа, бахусус, ҷавононро зарур аст, ки бори дигар ба таъкидҳои Пешвои миллат оид ба ҳушёру зирак будан рӯ оваранд, дар ҳифзи арзишҳои Истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ беш аз ҳар вақти дигар фаъол бошанд.

**Шамшоди ҶАМШЕД**


**ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!**

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

БА МАЪЛУМОТИ ШУМО МЕРАСОНЕМ, КИ РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ МЕТАВОНЕД АЗ СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ **WWW.ANDOZ.TJ** ВА БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ АЗ БАХШИ ИТТИЛООТИИ (КОНТАКТ-СЕНТР) **151** ИСТИФОДА НАМОЕД.


Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Муҳтарам андозсупорандагон! Хотиррасон менамоем:

**Мӯҳлати пешниҳоди эъломия оид ба андоз аз даромади хизматчии давлатӣ то 1-уми апрели баъди соли ҳисоботӣ муқаррар гардидааст**

- Мувофиқи муқаррароти моддаи 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматчии давлатӣ" шаҳрванд ҳангоми қабул шудан ба хизмати давлатӣ уҳдадор мегардад, ки ҳар сол ба мақоми андози маҳалли зист эъломия оид ба андоз аз даромад ва ба мақоми давлатии ҷои кор эъломия оид ба вазъи молу мулк пешниҳод намояд.
- Тибқи талаботи моддаи 156 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматчии давлатӣ уҳдадор аст, ки эъломия оид ба андоз аз даромадро ба мақомоти андози маҳалли зисти худ ба таври хаттӣ ё электронӣ пешниҳод намояд.



- **Барои сари вақт ба мақомоти андоз пешниҳод накардани эъломия оид ба андоз аз даромад тибқи муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ шудааст.**
- **Маълумоти пурраро оид ба тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз даромади хизматчии давлатӣ метавонед аз сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj), Бахши иттилоотии «Контакт – сентр» (рақами телефонии 151) ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намоед.**



**Ҷиҳати дар шакли электронӣ пешниҳод намудани эъломияи андоз, пеш аз ҳама, хизматчии давлатӣ бояд дар портали хизматрасониҳои электронии сомонаи Кумитаи андоз (www.reg.andoz.tj) ба қайд гирифта шуда, баъд аз гирифтани иҷозат тавассути барномаи компютерии Системаи иттилоотии андоз (www.portal. andoz.tj) эъломия оид ба андоз аз даромадро ворид намояд.**



## ЭЪЛОН

Дар асоси ҳалномаи Суди иқтисодии шаҳри Душанбе фаъолияти шахсони ҳуқуқии зерин тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барҳам дода шудаанд.

Бинобар ин, шаҳодатнома, муҳр, штамп, рамз ва бланкаҳои фирмавии субъектҳои дар рӯйхат дарҷгардида беэътибор дониста мешаванд.

| № | Номгӯи субъектҳо | РМА | Нозирот |
|---|---|---|---|
| 1 | ҶДММ «Гурӯҳи тиллоӣ» | 010098059 | Шоҳмансур |
| 2 | ҶДММ «Пайк» | 010086611 | Шоҳмансур |
| 3 | Филиали ҶДММ «Ҷаҳони муосир дар шаҳри Сарбанд» | 020038166 | Левакант |

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

### Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!

Ба маълумоти шумо мерасонем, ки мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муасиссони шахсони ҳуқуқӣ вазифадоранд, ки аз лаҳзаи таъсис додани шахси ҳуқуқӣ, дар давоми як соли минбаъда, ҳиссаи худро дар сармояи оинномавии он ташаккул дода, дар ин хусус маълумоти заруриро ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид намоянд. Дар ҳолати ташаккул надодани ҳадди ақали ҳаҷми сармояи оинномавӣ, шахси ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода мешавад. Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуқуқ доранд, барои барҳам додани чунин шахс ба суд муроҷиат намояд.

Ташаккул додани сармояи оинномавӣ, пеш аз ҳама, ба манфиати худи шахси ҳуқуқӣ буда, ҳамзамон ҳуқуқи соҳибмулкии муассисро ба шахси ҳуқуқӣ тасдиқ менамояд.

Бинобар ин, аз муассисони шахсони ҳуқуқӣ хоҳиш карда мешавад, ки сармояи оинномавии шахсони ҳуқуқиро ташаккул дода, маълумоти зарурииро дар ин хусус ба шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии маҳалли қайди шахси ҳуқуқӣ пешниҳод намоянд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

### Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!

Ба маълумоти шумо мерасонем, ки мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июли соли 2015, таҳти № 332"Дар бораи шакл ва тартиби истифобарии Дафтари бақайдгирии санҷишҳо" Дафтари бақайдгирии санҷишҳо аз ҷониби мақомоти андоз, яъне нозиротҳои андоз, шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо, ба андозсупорандагон ройгон дастрас мешавад.

Дастрас ва дар фаъолияти худ пеш бурдани Дафтари бақайдгирии санҷишҳо ба манфиати андозсупорандагон буда, барои пешгирӣ намудани ҳама гуна санҷишҳои беасос дар фаъолияти онҳо мусоидат менамояд.

Бинобар ин, аз шахсони ҳуқуқӣ новобаста аз шакли моликият ва соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда хоҳиш менамоем, ки аз мақомоти андози маҳалли қайди худ Дафтари бақайдгирии санҷишҳоро ройгон дастрас карда, дар фаъолияти худ истифода намоянд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

### Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!

Ба маълумоти шумо мерасонем, ки аз ҷониби мақомоти андоз модули нави хизматрасонӣ барои пешниҳоди ҳуҷҷатҳо бо тартиби электронӣ таҳия шуда, дар сомонаи расмии Кумитаи андоз бо суроғаи электронии (http://andoz.tj) ҷойгир шудааст.

Тибқи модули нав андозсупорандагон имконият доранд, ки ҳуҷҷатҳои зарурии барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва филиалу намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷию дохилӣ бемонеа, бо тартиби электронӣ, ба шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии маҳалли фаъолияти худ пешниҳод намоянд.

Ариза ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда аз ҷониби андозсупорандагон дар шакли электронӣ, ҳамарӯза аз ҷониби бахши бақайдгирии давлатии маҳалли фаъолияти онҳо, маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ баррасӣ ва дар мавриди пурра ва дуруст пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳо субъекти соҳибкорӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.

Аз андозсупорандагон ва шаҳрвандон хоҳиш мекунем, ки тартиби электронии пешниҳоди ҳуҷҷатҳоро барои бақайдгирии давлатӣ истифода намоянд, зеро он бевосита барои сарфаи вақт ва маблағҳои онҳо таҳия ва ҷорӣ шудааст.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## Андоз ва андозбандӣ дар замони барқароршавии сотсиализм

(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)

Ҳукумат ба бунёди ин гуна низоми андозбандӣ соли 1930 шурӯъ кард. Пас аз ислоҳоти андоз (1930) низоми андозбандӣ аз чунин пардохтҳои асосии давлатӣ иборат буд:

| № | Номгӯи пардохтҳо | Андозсупорандагон |
|---|---|---|
| 1 | Андоз аз гардиш | Корхонаҳои хоҷагиашон умумӣ (давлатӣ ва кооперативӣ) |
| 2 | Андози даромад аз кооператсия | Ҳамаи навъҳои кооператсия, ба ғайр аз колхозҳо (хоҷагиҳои дастаҷамъӣ) |
| 3 | Андоз аз истеҳсолоти саноатӣ | Секторри хусусӣ (шахсони дорои моликияти хусусӣ) |
| 4 | Андоз аз даромади аҳолӣ | Кулли аҳолӣ, ки даромад доранд, ба ғайр аз деҳқонон (кишоварзон) |
| 5 | Андоз аз даромади изофа | Сектори хусусӣ (шахсони дорои моликияти хусусӣ) |
| 6 | Андози хоҷагии қишлоқ | Колхозҳо, аъзои колхоз, хоҷагиҳои деҳқонии ҷудогона |
| 7 | Пардохти (пошлинаи) ягонаи давлатӣ | Корхонаҳои хоҷагиашон умумӣ ва аҳолӣ |

Барои баланд бардоштани сатҳи воридшавии андозҳо аз хоҷагиҳои ҷудогона ва шавқманд кардани онҳо барои иҷрои ӯҳдадориҳо дар назди давлат, ба ғайр аз андози хоҷагии қишлоқ, навъҳои дигари андоз (андози якдафъаина аз хоҷагиҳои ҷудогона, пардохти зиндагии маданӣ – (культжилсбор) ҷорӣ шуданд. Ин андозҳо хусусияти ҳадафӣ доштанд ва вобаста ба қудрати хоҷагиҳои ҷудогона ситонида мешуданд. Ин навъ андозро бештар, дар ҳаҷми калон хоҷагиҳои кулакҳо месупориданд.

Мутобиқи қарори Шӯрои Комиссариати халқии ИҶШС (8 феврали соли 1929) «Дар бораи андози ягонаи хоҷагии қишлоқ ва сабук намудани вазъи хоҷагиҳои миёнаҳол» тартиби ситонидани андоз аз хоҷагии қишлоқ дар солҳои 1929 – 1930 тағйир дода шуд. Меъёри даромади баъзе манбаъҳои хоҷагии қишлоқ (чорводорӣ, парвариши сабзавот ва ғайра) паст карда шуданд. Агар даромади хоҷагӣ аз 500 рубл зиёд мебуд, пардохти иловагӣ мекард. Ҳаҷми пардохти иловагӣ аз 25 то 10 % фуроварда шуд. Даромадҳо аз фаъолияти ба хоҷагии қишлоқ дахлнадошта, косибӣ ба даромади андозбандишаванда дар ҳудуди аз 35 то 50%, даромад аз истеҳсолот – 25 % ва аз музди меҳнат аз 10 то 15 % зам карда мешуданд.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

# АЗ ҲАР ХУСУС

## Маслиҳати муфид



- Агар хоҳед, ки ба мушкилии ҳазми хӯрок дучор наоед, ба хӯрок ва хӯришҳоятон сирпиёз илова кунед. Он барои зуд ҳазм шудани хӯрок ёрӣ мерасонад.

- Пас аз истеъмол намудани хӯрок нӯшидани чойи кабуди талх низ муфид мебошад.

- Истеъмоли хӯришҳои аз карам тайёршуда низ дар ҳазми хӯрок ёрии калон мерасонанд.

- Пас аз истеъмол намудани хӯрок нӯшидани як пиёла чойи тамашк (малина) низ манфиат мебахшад.

## Панди рӯзгор

**Ҳакиме аз маҳалле мегузашт. Мардеро дид, ки чоҳ меканад. Ба ӯ гуфт:**

- Бо сидқу маҳорати зиёд чоҳ меканӣ! Пули зиёд медиҳанд?

- Се танга. Лекин, аз ин ба худам ҳамагӣ як танга мерасад.

Яктоашро барои додани қарз ҳарҷ мекунаму дуюмашро қарз медиҳам.

- Пас чӣ зарурат аст, ки қарз биканию боз қарз диҳӣ? – пурсид ҳаким.

- Гап дар он аст, ки падарам маро тарбият карду пир шуд. Акнун ман вазифадорам, ки ӯро сарпарастӣ намояму қарзамро баргардонам. Ба писарам ҳам, ки ҳанӯз хурд аст ва ба тарбият ниёз дорад, як танга медиҳам. Бо умеди он ки дар пирӣ қарзро баргардонад.

## Шавқ агар раҳбар шавад...



Дар зиндагӣ бо инсонҳое вохӯрдан мумкин аст, ки ҳаргиз пеши рӯзгор бечоравор наменоланд, балки бо азму иродаи қавӣ дар ҷодаҳои ҳаёт гом мениҳанд. Яке аз чунин нафарон бонуи филиппинитабори амрикоӣ Ҷессика Кокс мебошад. Ӯ бе даст ба дунё омадаву аз уҳдаи ҳамаи корҳо ба осонӣ мебарояд: менависаду мошин меронад, рақкоси моҳир асту пианинанавози бомаҳорат.

Ҳамчунин, Ҷессика дорандаи камарбанди сиёҳ аз рӯйи варзиши таэквондо мебошад. Донишгоҳро бо ихтисоси равоншинос хатм намуда, курси 3 - солаи ҳавонавардиро ҳам тамом кардааст. Ӯ аввалин нафарест, ки бе даст сомолётро идора мекунад. Барои ин амалаш соли 2008 ба "Китоби рекордҳои Гиннес" шомил шуд.

Зиндагии Ҷессика як бори дигар собит месозад, ки шавқ агар раҳбар шавад, инсон метавонад аз уҳдаи ҳама кор барояд.

## Суханони ҳакимона

Рост гуфтан амонат, дурӯғ гуфтан хиёнат аст.

xxx

Дардро касе эҳсос мекунад, ки аз кӯчаи дардмандон гузаштааст.

xxx

Барои ба касе ёрӣ расонидан, муҳим нест, ки дорое ё пуркуввате бошӣ, меҳрубон будан кифоя аст.

xxx

Барои фарзандон ҳузури худро бубахшед, зеро барои онҳо аз ин зиёд туҳфаи пурарзише нест.

xxx

Лаҳзаҳои зебои имрӯз, хотираҳои зебои фардоянд, пас барои ҳамдигар лаҳзаҳо ва хотираҳои зебо бисозед.

## ОЁ МЕДОНЕД?

Ҷӯшондаи тухми зағирро рӯзе панҷ шаш маротибагӣ дар ҳудуди ду ҳафта истеъмол намудан сангҳои гурдаро давост.



Мева ва решаи бодоми талх, мураббои бо шакар тайёршудаи бодоми ширин, харбузаи пухтаи ширин гурдаро аз бемориҳои мухталиф раҳой мебахшад.

## ҚАҲРАМОНҲОИ ВОҚЕИИ СИНАМО

**Мо андеша дорем, ки ситораҳои синамо танҳо рӯи парда қаҳрамонӣ мекунанд. Аммо аксари онҳо дар зиндагӣ низ қаҳрамон буданашонро борҳо собит намудаанд.**

Ҳунарманди британӣ Бенедикт Камбербэтч моҳи июни соли 2018 хизматгори ғизорасонро аз гурӯҳи ғоратгарон наҷот дод. Вақте иҷрокунандаи нақши Шерлок Холмс ба хонааш бармегашт, дид, ки 4 нафар ба хизматгор дарафтода, ғизоҳояшро рабуданианд. Ӯ зуд аз мошин пиёда шуда, ба кӯмаки ҷавон шитофт.

Ситораи Ҳолливуд Кейт Уинслет дар зиндагӣ низ қаҳрамон буданашро ҳанӯз соли 2011 собит намуда буд. Ӯ ҳамон сол дар ҷазираи хусусии продюссер Ричард Брэнсон, воқеъ дар баҳри Кариб, дам мегирифт. Шаб раъду барқ шуда, оташаки он ба боми онҳо афтиду хона оташ гирифт. Кейт зуд ба сӯйи модари 90 – солаи Брэнсон шитофт. Аҳли оилаи Брэнсонҳо танҳо вақте модарашонро ба ёд оварданд, ки ӯро дар оғӯши Уинслет диданд.

Дар соли 1997 ҳунарманди шотландӣ Ҷерард Батлер ҳангоми аз обварданди писарбачаи хурдсол худаш низ қариб буд, ки ғарқ шавад. Вақте як илоҷ карда аз об баромад, бо тамоми қувваш ба сӯи табибон шитофт. Ӯ аз он сахт тарсида буд, ки писарро дар вақташ ба табибон расонда наметавонад.

Боҷу Хироҷ
МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:
ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ИСМОИЛЗОДА Х. И. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Тоҳир ЧИЛАЕВ

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе

Индекс: 68930

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

Теъдод: 68 536